**М. Холиқова, Ш. Эргашева**

# ОДОБНОМА

**Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 3-юми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ**

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон ба нашр тавсия намудааст

Нашри чоруми такмилдодашуда

ТОШКАНД
«YANGIYUL POLIGRAPH SERVICE»
2019

http://eduportal.uz

**UO‘K: 177=512.133(075)**
**KBK 74.200.51**
**X-72**

**Холиқова, Моҳира.**
Одобнома: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 3-юми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / М. Холиқова, Ш. Эргашев; Нашри чоруми такмилдодашуда. – Тошканд: Yangiyo‘l poligraf servis, 2019. - 96 саҳ.

ИСБН 978-9943-979-74-1

УӯК: 177=512.133(075)
КБК 74.200.51я71

## Муқарризон:

А. Ҳасанов — номзади илмҳои таърих, дотсент;
А. Норбоев — омӯзгори калони ДПДТ ба номи Низомӣ;
Д. Воҳидов — омӯзгори донишгоҳи ТИБХРТХ ба номи Авлонӣ;
С. Шарипова — омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 324-уми ноҳияи Шайҳонтоҳури шаҳри Тошканд.

Аломатҳои шартӣ:

— Моддаҳои конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон
— Луғати шарҳи калимаҳои мураккаб
— Дар ёд доред!
— Ҳикматҳо ва ҳадисҳо
— Савол ва супоришҳо
— Супоришҳои шавқовари чархи ақл
— Вазифаи хонагӣ

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

ИСБН 978-9943-979-74-1
© «Yangiyul Poligraph Service», 2019.
© © М. Холиқова, Ш. Эргашева, 2019.

http://eduportal.uz

Донишомӯзи азиз! Китобе, ки дар даст доред, дар синфҳои 1-ум ва 2-юм аз фанни «Одобнома» донишҳои омӯхтаатонро боз ҳам барои васеъ гардонидан ва мустаҳкам намудан хизмат мекунад.

Дар синфи 3-юм бошад, Шумо оиди бачаи боодоб дорои кадом фазилатҳо буданаш, дар вазиятҳои гуногун худро чӣ тавр идора карда тавонистанаш, ба оила ва Ватан чӣ хел фоида расонданаш бисёр чизҳоро донista мегиред.

Барои дониш омӯхтан, бисёр хондан ва меҳнат кардан лозим. Барои ин ба Шумо вақт ва имкониятҳо бисёр аст. Шумо вақтатонро бекор нагузаронида, аз имкониятҳо самаранок истифода баред.





http://eduportal.uz

# БОБИ I. ВАТАН — МУҚАДДАС АСТ



# РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН – ДАВЛАТИ МУСТАЪҚИЛ

Мустаъқилӣ – неъмати бузург аст. Халқи давлати мустаъқил соҳибихтиёр ва озод мешавад. Дар таърих ҳеҷ кадом халқ мустаъқилии худро осон ба даст наовардааст. Падару бобоёнамон низ дар давоми асрҳо барои озодӣ мубориза бурдаанд. Ҳаёти Шерак, Томирис, Ҷалолиддин Мангубердӣ, Амир Темур барин аҷдоди бузургамон ба ин мисол шуда метавонад.

31-уми августи соли 1991 мустаъқилии давлатамон эълон гардид. 1-уми сентябр ба сифати рӯзи мустаъқилӣ ҷашн гирифта шуд. Аз ҳамин вақт сар карда, мамлакатамон ба роҳи ривоҷёбӣ қадам гузошт.

Ислом Каримов Президенти якуми Ўзбекистон аст. Ӯ халқамонро ба роҳи мустаъқилона ривоҷёбӣ гирифта баровард. Давлати мустаъқил ба давлати дигар тобеъ намешавад. Мустақилона сиёсат бурда, ба боигариҳояш худаш соҳибӣ мекунад.

Ҳаёти осудаҳолонаи ҳозираи мо ва ривоҷу равнақи кишварамон аз туфайли мустаъқилӣ мебошад. Барои ҳамин онро қадр карда, бо баҳои аъло хонда, бо одобу ахлоқи намунавиамон ба ривоҷи Ватанамон ҳиссаи худро гузоштанамон лозим аст.



http://eduportal.uz

# МАДҲИЯИ ВАТАН

Макони ҷовидони мо Ватан,
Ҳаёти нурфишони мо Ватан.
Замини поки ҳамнаҷоди мо,
Ҳавою обу нони мо Ватан.

Ту сарзамини поки модарӣ,
Анису меҳрубону беҳтарӣ.
Миёни ҷумла кишварони даҳр,
Ту бошукӯҳ ягона кишварӣ.

Ки амри ту шиори халқи мост,
Канори ту баҳори халқи мост.
Ки парчаму ва гимни миллиат,
Ғурури ифтихори халқи мост.

Ба мо ту қиблагоҳи, эй Ватан,
Ба мо ту сарпаноҳи, эй Ватан!

*Озармеҳр*

http://eduportal.uz

Дар солҳои мустақилӣ барои инсони комил шуда ба камол расидани ҷавонон ҳама шароитҳо муҳайё карда шуд. Хонаҳои таълимии зебо ва равшан, иншоотҳои варзишӣ, марказҳои эҷодӣ барпо карда шуд. Ҷавонон аз ин имкониятҳо истифода бурда, иқтидорашонро ба амал баровардanaшон мумкин.

Имрӯзҳо ҷавонони Ӯзбекистонӣ дар ҳар соҳа муваффақиятҳои калонро ба даст оварда, дунё онҳоро шинохта истодааст.

Ҳар як одам ба ватани худ хизмат карда, барои гул-гулшукуфии он ҳиссаи худро гузоштанаш лозим.

1. Мустақилӣ гуфта чиро мефаҳмед?
2. Барои ривоҷи Ватан чӣ гуна ҳисса гузоштан лозим гуфта фикр мекунед?
3. Ба фикри Шумо, бештар чӣ гуна инсонҳоро ба Ватан фоидааш мерасад?
4. Чӣ хел кинофилмҳои доир ба мавзӯи озодӣ ва Ватан бударо дидаед?
5. Бо падару модаратон дар бораи таърихи Ватанамон ва аҷдодони бузургамон сӯҳбат кунед.



http://eduportal.uz

## ИМКОНИЯТҲОЕ, КИ МУСТАЪҚИЛӢ БА МО ДОДААСТ



Саройи эҷодии ҷавонон яке аз маҷмӯаи меъмории ноёб буда, соли 2008-ум дар «Соли ҷавонон» бунёд карда шудааст. Дар ин ҷо сето толор (зал)-и намоишгоҳӣ, инчунин барои бо намудҳои гуногуни санъат шуғл варзидан, устохонаҳои эҷодӣ ҷойгир шудааст.

Ҷавонон дар ин гуна толорҳо ба он намудҳои санъате, ки худашон шавқу ҳавас доранд омӯхта, намоиш карданашон мумкин.

## БАРОДАРОН СИНДОРОВҲО – ЧЕМПИОНИ ҶАҲОН

Шоҳмот ақлро чарх медиҳад. Тафаккурро инкишоф дода, дуруст қарор қабул карданро меомӯзад. Барои камолоти инсон мавқеи ин намуди варзиш хеле калон аст.



http://eduportal.uz

Шоҳмотбозони Ӯзбекистонӣ бародарон Ҷавоҳир ва Исломбек Синдоров дар мусобиқаҳои байналхалқӣ ғолиб шуда, номи ватанамонро ба дунё шиносонданд. Онҳо варзишгарони ҷавонони боқудрати дунёро мағлуб карданд. Ҷавоҳир ва Исломбек бори дигар дар ҳар соҳа пешсаф будани ҷавонони Ӯзбекистонро исбот карданд.

Иқтидор ба ҳар як инсон мавҷуд аст. Барои ба амал баровардани он мунтазам меҳнат, шавқ ва сабр талаб карда мешавад. Касе, ки ба назди худ мақсад гузошта, аз таҳти дил кӯшиш кунад, албатта ба мақсадаш мерасад.



**Кӣ дар чандсолагӣ гроссмейстер шудааст?**

1. Сергей Карякин, Россия – дар 12-солагӣ;
2. Ҷавоҳир Синдиров, Ӯзбекистон – дар 12-солагӣ;
3. Р. Прагнанандха, Ҳиндустон – дар 12-солагӣ;
4. Магнус Карлсен, Норвегия – дар 13-солагӣ.



Чемпиони ҷаҳон оид ба шоҳмот, гроссмейстери ҷавони байналхалқӣ Нодирбек Абдусатторов аз ҷониби президент бо тӯҳфаи махсус мукофотонида шуд. Ҷавононе, ки ба мисли Нодирбек ҳастанд, номи Ватанамонро ба дунё шиносонида истодаанд. Ба мисли онҳо барои ба комёбӣ сазовор шудан ҳаракат кунед.

**Гроссмейстер** – унвони олии устоди шоҳмот оид ба намуди спорт.

1. Сабаби ба комёбиҳои калон сазовор шудани бародарон Синдоровҳо дар чист?
2. Шумо низ ин гуна бурдбориҳо доред? Ҳамсолонатон – чӣ?
3. Инсон барои ба муваффақият сазовор шудан, чӣ корҳо карданаш лозим аст гуфта фикр мекунед?



http://eduportal.uz

## СӮҲБАТ ДАР БОРАИ ОЯНДА

Дар соати тарбиявӣ устод савол дод:

– Донишомӯзон, дар оянда кӣ шудан мехоҳед? Дар ин бора аз ҳозир чӣ гуна тайёрӣ дида истодаед?

– Ман тарҳкаш (конструктор) шуда, барои осон кардани меҳнати инсонҳо роботҳо мезозам, - гуфт Акбар. – Барои ҳамин ҳам дар маҳфили техникони ҷавон иштирок дорам.

– Ман зебосоз (дизайнер) шудан мехоҳам, - гуфт Зулола. - Ҳозир дар толори эҷодии ҷавонон куртаҳои хушрӯй дӯхтанро омӯхта истодаам.

– Ман мисли Мутал Бурҳонов оҳангсоз шудан мехоҳам. Дар оянда оҳангҳои ватанамонро мадҳу ситоиш мекарда месозам, - гуфт Дониёрбек. – Баъд аз дарс ба мактаби мусиқӣ машқ мекунам.

– Ман бо гимнастикаи бадеӣ шуғл варзида истодаам. Дар наздикӣ ба мусобиқае, ки дар шаҳри Самарқанд баргузор гардид иштирок карда, ғолиб шудам, - гуфт Моҳира.

– Ман бошам тадбиркор шудан мехоҳам, - гуфт Бекзод. – маҳсулотҳои худам истеҳсол мекардаро ба дунё гирифта мебарорам. Барои ин бисёр забонҳоро донистанам лозим аст. Ҳозир забонҳои русӣ ва англисиро омӯхта истодаам.

Аз ҷавоби донишомӯзон устод хурсанд шуда гуфт:

– Офарин, агар аз ҳозир бо ҳамин гуна мақсадҳо ҳаракат кунед, албатта орзуҳоятон ба амал тадбиқ мешавад.



Яке аз дирижёрони ҷавонтарини дунё — Асадбек Аюбҷонов.



Соли 2018 гимнастикачиёни ҷавони Ўзбекистон дар чемпионати Осиё бо 14-то медал баргаштанд.

1. Дар ҳудуде, ки шумо зиндагонӣ мекунед, барои ҷавонон чӣ гуна имкониятҳо фароҳам оварда шудааст?
2. Шумо ҳам аз имкониятҳои фароҳам оварда шуда оё истифода мебаред?
3. Аз инсонҳои худатон мешинохта ба кӣ ҳавас мекунед? Вай чӣ хел ба комёбиҳо сазовор шуд гуфта фикр мекунед?



http://eduportal.uz

# РАМЗҲОИ ДАВЛАТ – ИФТИХОРИ МИЛЛИАМОН

Байрақи Давлати Республикаи Ӯзбекистон 18-уми ноябри соли 1991 қабул карда шудааст. Ба герби республикаамон, ки 2-юми июли соли 1992 қабул карда шудааст, мурғи афсонавии Ҳумо тасвир ёфтааст. Инчунин, ба он тасвири пахта, гандум, Офтоб, кӯҳҳо, водӣ ва дарёҳо низ мавҷуд аст. Ҳар як ранг ва тасвирҳои дар байрақ ва герб буда, ба рамз ва маънои худ соҳиб аст.

Гимни Республикаи Ӯзбекистон 10-уми декабри соли 1992 қабул карда шудааст. Ҳангоми садо додани гимни ватанамон, ба қалби мо эҳсоси фахру ғурур бедор мешавад. Бо воситаи дасти ростамонро ба сари синаамон гузоштан, меҳру муҳаббате, ки нисбати кишварамон дорем ифода мекунем.





1. Байрақи мамлакатамонро дар куҷоҳо дидаед?
2. Ҳилпирос задани байрақамон ба шумо чӣ гуна эҳсосотро бедор мекунад?
3. Гимни давлатамонро оё аз ёд гуфта дода метавонед.

## БАЙРАҚАМОН – ИФТИХОРАМОН

– Ҷалолиддин дар арафаи иди мустақилӣ бо ҳамроҳии падару модараш ба пойтахт омаданд.

– Вақте ки аз назди майдони «Дӯстии халқҳо» мегузаштанд чашми ӯ ба байрақи калон афтид.

– Бинед, байрақи давлатамон чӣ хел зебост! – гуфт аз хушнудӣ.

– Ҳа, писарам, байрақ рамзи озодӣ ва тинҷии кишвар аст. Ҳилпирос задани ин байрақи 65 метра ба диламон фахру ғурур бедор мекунад.

– Дадаҷон, барои чӣ дар мусобиқаҳо спортчиёни ғолиб байрақи мамлакаташонро баланд мебардоранд? Чунки байрақ аз қадим тимсоли ғалаба ва озодӣ будааст. Спортчиён бо воситаи байрақ эҳсосоти фахру ғурур ва фарзанди ҳамон кишвар буданашонро ифода мекунанд.





http://eduportal.uz

Дар баробари ин ба шарафи ғолибон гимни ҳамон кишвар низ садо медиҳад.

– Ман ҳам калон шавам, албатта байрақи давлатамонро баланд мебардорам, - гуфт Ҷалолиддин.

Барои беҳурматӣ нисбати гимн, герб ва байрақи Ватанамон дар қонунҳо ҷавобгарӣ ба назар гирифта шудааст. Ҳурмат кардани рамзҳои Давлат вазифаи мост.

**Ҷавоби мувофиқ гузошта, супоришро ба дафтаратон иҷро кунед.**

__________ мустаъқилии Ӯзбекистон эълон карда шуд.

Байрақи давлатамон ______________ қабул карда шудааст.

8 декабри соли 1992 ______ қабул карда шудааст.

__________ Президенти якуми Ӯзбекистон аст.

Муаллифи матни гимни Ӯзбекистон ________.

1. Оиди рамзҳои давлат маълумот диҳед.
2. Мурғи Ҳумои дар герби Давлатамон буда, рамзи чист? Гандум, пахта ва офтоб – чӣ?
3. Ба рамзҳои Давлат ба чӣ гуна муносибат шудан лозим?



http://eduportal.uz

# ОБИДАҲОИ ТАЪРИХӢ – БОЙГОНИИ МАДАНИАМОН

Дар кишварамон обидаҳои қадима хеле бисёр аст. Онҳо аз таърихи бойу ақлу заковати бузурги падару бобоёнамон гувоҳӣ медиҳанд.



Дар майдони Регистони шаҳри Самарқанд ҳамеша сайёҳон бисёр аст. Зеро дар майдони мазкур се обидаи мӯҳташам – мадрасаҳои Шердор, Тиллокорӣ ва Улуғбек ҷойгиранд.

Ичанқалъа обидаи бо девори ғафс иҳотагардидаи Хева аст. Як вақтҳо ин деворҳо халқи шаҳрро аз душманон ҳимоя кардааст. Соли 1997-ум ба муносибати 2500-солагии Хева ин обида аз нав таъмир гардид.



http://eduportal.uz



Минораи калон – дар Бухоро аст. Ин ёдгорӣ соли 1127 сохта шудааст. Шахсе, ки ба Бухоро меравад, ин обидаро албатта тамошо мекунад.

Маҷмӯаи Имом ал-Бухорӣ дар деҳаи Хартанги наздикии Самарқанд ҷойгир шудааст.

Аҷдодонамон қабри алломаи ҳадисшиноси бузургро ба зиёратгоҳ табдил додаанд.





http://eduportal.uz



Масофаи гумбази гулӯлашакли Оқсарой, ки дар шаҳри Шаҳрисабз ҷойгир аст, аз 22 метр зиёд аст. Он дар байни иншоотҳои темуриёне, ки барпо карда шудаанд ҳайратангезтарин аст. Дар пештоқи сарой «Агар ба қудратамон шубҳа дошта бошед, ба иморатҳои мо барпо карда назар андозед», гуфта навишта шудааст.

Эҳтиёт намудани обидаҳои таърихие, ки аз бобоёнамон мерос мондааст, ба авлоди оянда вогузоштани он вазифаи ҳар яки мову шумо мебошад.

Дар солҳои истиқлол дар кишварамон иморатҳои мӯҳташам сохта шуд. Ин иморатҳо низ дар оянда ба сифати обидаҳои таърихӣ қадр карда мешавад.

**Муҳаддис** – олими донандаи илми ҳадис, ҳадисдон.



http://eduportal.uz



Дар моддаи 49-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон: «Шаҳрвандон барои нигаҳдории мероси маданию маънавӣ ва таърихии халқи Ӯзбекистон маҷбуранд. Ёдгориҳои маданӣ дар муҳофизаи давлат мебошад», навишта шудааст.

1. Дар бораи кадом обидаҳои таърихии мамлакатамон ба маълумотҳо соҳибед?
2. Шумо ҳам оё обидаҳои таърихиро зиёрат намудаед?
3. Дар бораи иншоотҳои мӯҳташаме, ки солҳои истиқлол сохта шудаанд, чиҳоро медонед?
4. Эҳтиёт кардан ва нигаҳдории обидаҳои таърихӣ барои чӣ зарур аст?

# МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ «ОБИДАҲОИ ТАЪРИХЕ, КИ ДАР ОН ҲУДУД МАН ЗИНДАГӢ МЕКУНАМ»

1. Дар бораи таърихи пайдоиши номи деҳаатон ё ки шаҳратон чӣ гуна ривоятҳоро медонед?
2. Дар маҳалли зистатон чӣ гуна обидаҳои таърихӣ мавҷуд аст? Онҳоро оё зиёрат кардаед?
3. Обидаҳои таърихиро нигаҳдорӣ кардан барои чӣ зарур аст?

**Кроссвордро ҳал кунед:**

1. Герб, байрақ, гимн – ...
2. Маводи ширешкунанда.
3. Шакли Замин.
4. Мустақилӣ, озодӣ.
5. Дарёи кишварамон.
6. Осоиштагӣ.
7. Ёдгории қадима.
8. Неъмати аз ҳама азиз.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Р | | | | | | | |
| 2 | Е | | | | | | | |
| 3 | Г | | | | | | | |
| 4 | И | | | | | | | |
| 5 | С | | | | | | | |
| 6 | Т | | | | | | | |
| 7 | О | | | | | | | |
| 8 | Н | | | | | | | |



http://eduportal.uz

Ӯзбекистон – диёри қадима аст. Мамлакатамон, ки дар болои роҳи Бузурги Абрешим ҷойгир аст бо ёдгориҳои таърихӣ бой мебошад. Дар ҳар як шаҳр ва деҳаи кишварамон иншоотҳои таърихӣ ва ҷойҳои ба диққат сазовор мавҷуд аст.

Мамлакатҳои хориҷӣ ба таърихи кишварамон хеле шавқу завқи зиёд доранд. Барои дидани обидаҳои қадима ва таърихиамон аз тамоми дунё сайёҳҳо меоянд. Обидаҳои таърихӣ барои ҳисса гузоштан ба ривоҷи туризм низ аҳамияти калон дорад.

## МАСҶИД ВА МАДРАСАИ БИБИХОНУМ

Сароймулкхонум оқилатарин рафиқаи Амир Темур буд. Ӯ аз сабаби дар ақлу заковат бемисл буданаш, дар сарой ҳамчун Бибихонум – хонуми калон интихоб шудааст.

Бибихонум дар корҳои давлатӣ низ ба соҳибқирон аз наздик ёрӣ додааст. Ӯ ба корҳои сохтмон ва ободонӣ ҳам машғул шудааст.

Соли 1399 вақте ки Амир Темур аз Ҳиндустон бо ғалаба бармегардад ӯ барои сохтани мадраса машғул мешавад. Устоҳои таҷрибанок ва муҳандисони моҳири дунёро ба ин кор ҷалб мекунад. Дар кӯҳҳо зиёда аз 500 нафар одамон сангҳоро ҷамъ мекунанд ва дигарон ба шаҳр мекашонанд. Аввал говҳо, пас филҳои аз Ҳиндустон овардаро ба кор меандозанд.



http://eduportal.uz

Соҳибқирон як чанд моҳ сохтмонро худаш назорат мекунад, аммо ӯ бо зудӣ ба сафари дарозмуддат ба роҳ мебарояд. Ба сохтмон раҳбариро ба Бибихонум месупорад.

Бибихонум барои баргаштани соҳибқирон тӯҳфа шавад гуфта, дар назди мадраса масҷид ҳам сохтанро фикр мекунад. Ӯ бинокоронро чеғ зада, ба онҳо супориш ва инъомҳо медиҳад. Кор авҷ мегирад. Манораҳо ба фалак қад рост карда, дар майдони васеъ гунбазҳои мармарини сафед барпо карда мешавад.

Амир Темур ҳангоми ба шаҳр баргаштанаш мадраса ва масҷидро дида, беҳад хурсанд мешавад. Дар ҳамон давр дар мадрасаи Бибихонум зиёда аз ҳазор нафар талабагон илм омӯхта будаанд.



# БОБИ II. ХАЗИНАИ ОДОБ ВА АХЛОҚ

## МАЪРИФАТПАРВАРӢ ФАЗИЛАТЕСТ, КИ АЗ АҶДОДОНАМОН МЕРОС АСТ



**Абӯалӣ ибни Сино**



**Абурайҳон Берунӣ**



**Мирзо Улуғбек**

Маърифатпарварӣ – инсонҳоро барои омӯхтани илм даъват кардан аст.

Дар китоби қадимаи «Авесто» дар бораи аҳамияти омӯхтани илм ва одобу ахлоқ бисёр суханҳои ҳикматнок навишта шудааст. Қоидаи асосии ин китоб «Гуфтори нек, рафтори нек ва кирдори нек» мебошад.

Бобоёни мо илму маърифатро азиз дониста, барои чуқур омӯхтани он ҳаракат кардаанд. Ҳаёт ва фаолияти Абӯалӣ ибни Сино, Берунӣ, Мирзо Улуғбек ва дигар алломаҳоямон ба мо намунаи ибрат аст.

Абӯалӣ ибни Сино ба ғайр аз илми табобат, фанҳои табиатшиносӣ ва математикаро низ хеле хуб медонистааст. Ӯ бо воситаи шеър ва асарҳояш одамонро барои илм омӯхтан ва соҳиби фазилатҳои нек шудан даъват кардааст.

http://eduportal.uz

Берунӣ қариб бо тамоми соҳаҳои илм машғул шудааст. Аз комёбиҳои илмии ӯ тамоми дунё то ҳозир истифода мебаранд.

Мирзо Улуғбек шоҳ ва олим буда, бо илми ситорашиносӣ машғул шудааст. Ӯ дар осмон ҷойи 1018-то ситораҳоро муайян кардааст. Расадхонаи Мирзо Улуғбек дар замони худаш яке аз кашфиётҳои бузург буд.

Бо бобоёни маърифатпарварамон ифтихор карда, корҳои неки онҳоро давом доданамон лозим. Имом Бухорӣ гуфтааст, «Дар дунё аз илм дигар наҷот нест ва нахоҳад шуд».

**Наҷот** – кӯмак, ёрӣ ва роҳи аз вазъияти душвор халос шудан аст (халосӣ, раҳоӣ).

**Донишмандон дар бораи илм ва фоидаҳои он.**

Илм – чизҳоро бо ёрии ақл омӯхтан аст.

***Ибни Сино***

Бо дониш роҳи саодат кушода мешавад. Барои ҳамин илмнок шав, роҳи бахтро ҷустуҷӯ кун.

***Аҳмад Югнакӣ***

Китоб – асоси тамоми бунёдкорӣ, офаринанда, ақлу идрок ва илму дониш буда, офаринандаи ҳаёт мураббӣ аст.

***Амир Темур***

Илм чандон, ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ!

***Саъдии Шерозӣ***



http://eduportal.uz

## РӮЗҲОИ ДАМГИРӢ (ИСТИРОҲАТ) -И БЕРУНӢ

Берунӣ дар як сол фақат ду маротиба – дар иди Наврӯз ва рӯзҳои аввалӣ гандумдаравӣ дам мегирифтааст.

Рӯзи Наврӯз саҳарӣ барвақт аз ҷояш хеста, шустушӯ карда, либосҳои тозаашро пӯшида, аз ҳоли хешовандонаш хабар мегирифтааст. Баъд ёру бародаронашро зиёрат карда, сӯҳбату ҳазлу мутоибаҳо мекардааст. Пас ба саҳро баромада, дар вақти ба замин сипор гузоштани нахустин иштирок карда, бо деҳқонон то бегоҳ ҷуфт ронда, ниҳол мешинонидааст...

Ба шахсони ҳолу аҳвол пурсандагон:

– Дам гирифта, аз лаззати ҳаёт баҳраманд шуда истодаам, – гуфта ҷавоб медодааст.

Агар аз роҳ гузаштагон: «Монда нашавед», – гӯянд, ӯ бошад, бо хушнудӣ «Саломат бошед», – мегуфтааст.

Аллома ду рӯзи солро ҳамин тавр гузаронида, дигар рӯзҳоро пайваста бо мутолиаю китоб навиштан, таҷриба гузаронидан ва эҷод кардан мегузаронидааст. Аз субҳ то бегоҳ заминронӣ, гандумдаравиро меҳнат не, балки дамгирӣ меҳисобидааст.

http://eduportal.uz

Ҳа, Берунӣ: беҳуда «Як дақиқа вақтро бекор гузарониданам – ҳалок шуданам», нагуфтааст. Қадр кардани вақтро аз бобои бузургамон омӯхтанамон лозим аст.

1. Берунӣ рӯзи Наврӯзро барои чӣ аз ҳоли дигарон бо хабар гирифтану ба саҳро бо меҳнат кардан мегузаронидааст гуфта фикр мекунед?
2. Аллома қадри вақтро чӣ гуна ифода кардааст?
3. Берунӣ бо воситаи кадом фазилатҳояш ба дараҷаи инсони бузург расидааст?

## РЕСМОНЕ, КИ САНГРО БУРИДААСТ



Табиби бузург Ибни Сино ҳангоми бачагӣ математикаро он қадар хуш намекардааст. Чунки ӯ ин фанро хеле душвор меҳисобидааст. Яке аз рӯзҳо Ибни Сино дар дашту ёнаҳо рафта истода, ба чоҳе дучор омадааст. Ба мақсади раҳой аз ташнагӣ сатилро ба чоҳ партофтааст. Обро кашида истода, ба даҳони мармарини чоҳ эътибор додааст. Санг аз ғеҷиши ресмони

ба сатил басташуда хӯрда шуда будааст. Ибни Сино ба хаёл рафтааст.

– Ресмон мулоим бошад, чӣ тавр санги мармарини мустаҳкамро буриданаш мумкин? Яъне, барои иҷрои ягон кор чӣ қадар душвор бошад ҳам бо ғайрату шуҷоат, сабру матонат беист меҳнат кардан лозим будааст. Ман математикаро намефаҳмам, агар ҳаракат кунам, албатта меомӯзам.

Ҳамин тавр, аллома математикаро пурра аз худ намудааст.

Ибни Сино ҳар вақте ки ба кори душвор рӯ ба рӯ шавад, ресмонро ба хотир меовардааст, ки мармарро бурида буд.

?!

1. Ба фикри Шумоён, сири олими машҳури дунё шудани Ибни Сино дар чист?
2. Кори душворро ин аз дасти ман намеояд гуфта, ба ҳоли худ партофтан оё дуруст аст?
3. Инсон барои чӣ дониш омӯхтанаш лозим аст гуфта фикр мекунед?
4. Дониш наомӯхта ба комёбиҳо сазовор шудан оё мумкин аст?
5. Аз инсонҳои дар атрофатон буда, ба киҳо ҳавас мекунед? Кадом фазилатҳои ӯ ба шумо писанд аст?



http://eduportal.uz

# МАЪРИФАТ БА БАРКАМОЛӢ МЕБАРАД

Мо дар даври ривоҷёбии илму техника зиндагонӣ мекунем. Аз воситаҳои техникие, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаамон истифода бурда, корҳои душворамонро осон мекунад, натиҷаи таҷриба ва донишҳои дар давоми ҳазорсолаҳо ҷамъ кардаи инсоният мебошад.

Мамлакате, ки одамони донишмандаш бисёр аст қудратнок мешавад. Барои ҳамин ҳам баҳри инкишоф додани илму техника эътибори калон медиҳанд.



Соли 2017 дар мусобиқаи байналхалқӣ аз фанни математика байни мактаббачагон дар Ҳиндустон вакилонамон 2-то медали тилло, 2-то нуқра ба даст оварда, ба ҳисоби умумиҷамоавӣ ҷойи 2-юмро соҳиб шуданд.

Мақсади ҷавонони Ӯзбекистон қуллаҳои баланди донишро соҳиб шуда, дар озмунҳои фаннии байналхалқӣ ғолибиро ба даст меоранд. Инчунин, дар донишгоҳҳои бонуфузи дунё таҳсил мегиранд.

Давом додани корҳои маърифатпарварии аҷдодонамон вазифаи асосии ҳар яки мост.

## ФОИДАИ ИЛМ

Арасту писарашро ҷеғ зада мегӯяд:

– Писарҷонам, умри худро барои омӯхтани илм сарф кардам. Бо нури илму ҳикмат хеле бисёр гиреҳҳоро кушодам, аммо ба марг чора ёфта натавонистам. Васиятамро гӯш кун: боигарӣ абадӣ нест. Иззату шарафро аз илм дармеёбӣ. Обрӯе, ки бо илм пайдо мекунӣ он мустаҳкам мешавад. Шоҳон бо туфайли илми ман ба мартабаи бузургӣ расиданд. Набошад, ман ҳам шаҳрванди оддии онҳо будам. Шаҳрвандон ба шоҳҳо таъзим мекунанд. Агар сазовори иззату ҳурмат гаштан хоҳӣ ва номам абадӣ монад гӯӣ, илм омӯз.

1. Аз мутафаккироне, ки дар кишварамон зиндагӣ кардаанд киҳоро медонед?
2. Онҳо чӣ хел ба комёбиҳо расидаанд?
3. Дар ҳаёти ҳаррӯза аз чӣ гуна воситаҳои техникӣ истифода мебаред? Одами бедониш онҳоро оё офарида метавонист?

http://eduportal.uz

# МЕЪЁРҲОИ ОДОБ ВА АХЛОҚ

## ОДОБРО АЗ БЕОДОБ ОМӮХТАМ

Аз Луқмони Ҳаким пурсидаанд:

– Одобро аз кӣ омӯхтӣ?

– Аз беодоб, – ҷавоб додааст ӯ.

– Э, чӣ хел? – ҳайрон шуда пурсидаанд.

– Кадом кори беодоб ба чашмам бад намояд, ҳамон корҳоро ман накардам.

***Аз «Ривоятҳои Шарқ»***

1. Нақли «Одобро аз беодоб омӯз»-ро чӣ тавр мефаҳмед?
2. Оё ҳаракати ноҷӯяи касе боиси эътирози Шумоён гардидааст? Аз он чӣ гуна хулоса баровардаед?

Падару бобоёнамон аз қадим одамонро ба боодобу хушахлоқ шудан даъват кардаанд. Зеро инсон бо одобу ахлоқаш зебост.

Соҳибқирон Амир Темур чунин гуфтааст: «Бо кушодарӯйӣ ва раҳму шафқат халқро ба

http://eduportal.uz

худ ром кардам. Бо адолат кор пеш бурда, барои аз ҷабру зулм дур гаштан кӯшиш кардам».

Дар қадим як донишманд ба фарзандаш чунин насиҳат карда будааст:

– Эй фарзанд, барои дар ҳаёт комёб шудан ба ин насиҳатҳоям амал кун:

- Ҳалол бош, меҳнатро дӯст дор! Одаме, ки меҳнати ҳалол мекунад, кам намешавад.
- Аз танбалӣ дур шав, ғайрату шуҷоатро шиор кун. Доимо ба пеш ҳаракат кун.
- Эҳтиёткор бош. Дар ҳамаи корҳо ба тартиб ва интизом риоя кун.
- Вазифаи ба ту супоридаро бекаму кост иҷро кун.
- Босабр, ба ҳама меҳрубон ва ғамхор бош.
- Самимӣ, бовиҷдон ва ростгӯй бош.
- Дар пӯшидан, гаштан роҳи соддаву табииро интихоб кун. Ба такаббурӣ роҳ мадеҳ.

## БО КӢ ДӮСТ ШУДАН ЛОЗИМ?

Ба фикри донишмандон бо се тоифа одамон дӯст шудан мумкин будааст.

1. Бо шахсони илмнок. Чунки онҳо ҳаёти худро бо илму одоб мегузаронанд.

http://eduportal.uz

2. Бо шахсони оличаноб. Онҳо айби дӯстонро пинҳон медоранд ва ҳеҷ гоҳ ошкор намесозанд. Дар танҳогӣ айби дӯстро ба худаш гуфта, барои бартараф кардани он кӯмак мерасонанд.

3. Бо шахсони беғараз ва мард. Дӯстии онҳо ҳақиқӣ мешавад. Аз дӯстӣ фоида диданро фикр намекунанд.

***Аз «Ривоятҳои Шарқ»***

Дӯстӣ ҳақиқӣ он аст, ки ҳеҷ гоҳ аз дӯсташ намеранҷад, агар ранҷад ҳам, узрашро қабул мекунад.

***Амир Темур***

Агар дӯсти нав ёбӣ, пешинаҳояшро фаромӯш макун ва аз онҳо рӯй магардон. Ҳамин тавр кун, ки дӯстонат бисёр шаванд. Дӯстони хуб боигарии кас мебошанд.

***Кайковус***

Дӯсти нодонро ба қатори дӯстон ҳисоб макун. Чунки ӯ ба туфайли нодонияш ба ту зарар мерасонад.

***Алишери Навоӣ***

Дар бораи одоб ва ахлоқ аз шеър, мақол ё афсонаҳо намунаҳо ҷамъ кунед ва ба дафтаратон нависед.

http://eduportal.uz

# ҲАДИСҲО ОИДИ ОДОБ ВА АХЛОҚ

**Ҳадисҳо** манбаи муҳимест, ки дар дини ислом одамонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад.

Дар ҳадисҳо хулқи хуб ва фазилатҳои зебо тарғиб карда мешавад. Бадӣ, суханчинӣ, ба касе озор расонидан ва дуруғӯӣ барин иллатҳо мазаммат карда шудаанд.

**Фазилат** – одатҳои хуби инсонист. Агар фазилатҳоямон чӣ қадар зиёд бошанд, ҳамон қадар хуб аст.

**Иллат** – хислатҳои бади феълу атвори инсон аст. Онҳоро нест накарда, соҳиби номи хуб шудан мумкин нест.

Дар китобҳои муқаддас оид ба одобу тарбияи бачагон бисёр фикрҳо баён гардида, фарз будани омӯхтани дониш низ қайд карда шудааст.

Дар кишварамон ҳадисшиносони ба дунё машҳур ба камол расидаанд. Имом Бухорӣ ва Имом Тирмизӣ барин бобокалонҳоямон ҳадисҳоро ҷамъ кардаанд.

http://eduportal.uz

## Намунаҳо аз ҳадисҳо

Дар байни одамон аз паҳн кардани суханҳои бўҳтон ва иғво худдорӣ кунед.

* * *

Дар ростгўӣ хавфу хатареро бинед ҳам, фақат рост сухан гўед. Дар он сурат наҷот меёбед. Гарчанде, ки фоида дида истода бошед ҳам, аз дурўғ худдорӣ кунед. Зеро охири дурўғ пушаймонист.

* * *

Иллати аз ҳама бади кас бахилии беҳад ва тарс аст.

1. Аз ҳадисҳои болоӣ кадомаш ба Шумо бештар таассурот гузошт? Барои чӣ?
2. Оид ба одобу ахлоқ ҳадисҳо ҷамъ кунед.
3. Супоришро иҷро кунед. Фазилатҳои зерини дар ҳадисҳо тарғибгаштаву иллатҳои маҳкумгаштаро ба ду сутун ҷудо карда нависед.

**Меҳру оқибат, дуруғгўӣ, ростгўӣ, адоват, адолат, бахилӣ, саховатмандӣ, покӣ, беадолатӣ, хиёнат, инсоф, зулм, худситоӣ...**

# ОДОБИ МУТОЛИА

**Қоидаҳои китоб хондан:**

1. Китобро дуруст интихоб кардан.
2. Оиди кадом китобҳоро хондан аз калонсолон маслиҳат пурсидан.
3. Барои китоб хондан, аз тартиби рӯз вақт ҷудо кардан.
4. Китобро дар ҷойи равшанӣ, аз чашм ба масофаи маълум дур гирифта хондан лозим.
5. Варақҳои китобро қат накарда, надаронда ба он хат накашидан лозим.
6. Китобро тоза нигаҳ дошта, ба ҷевони китоб бо тартиб гузоштан лозим.
7. Дар бораи китобҳои хондашуда ба наздикон ва дӯстон нақл карда додан.

Китоб – манбаи дониш аст. Аз қадим халқамон китобро ҳамчун нон қадр карда омадаанд. Муҳаббат ба китоб ва иштиёқ ба хондан қадрияти ба халқамон хос аст.

Барои соҳиби дониш, одоб ва ахлоқ шудан, китоб ба мо аз наздик ёрӣ медиҳад. Инсонҳои бузург китобро ба худ дӯст пиндошта, ба дараҷаи инсони комил расидаанд.

Тафаккур – фикр, андеша, мулоҳиза кардан.



http://eduportal.uz



Инсоне, ки китоб мехонад бо дониш ва тафаккури баланди худ аз дигарон ҷудо шуда меистад. Бойгонии сухани ӯ зиёд шуда, маданияти нутқаш баланд мешавад.

Дари китобхонаи Миллии Ӯзбекистон ба номи А. Навоӣ барои китобхонҳо доимо кушода аст.

Лекин баъзе ҷавонон ба ҷойи мутолиа бештар ба тамошои телевизор ё ки бозиҳои компютерӣ шавқу ҳавас доранд. Бо ин рафторашон онҳо вақтҳои худро беҳуда мегузаронанд.

**Баркамол** – ҳар ҷониба пухта, ривоҷёфта.

1. Чӣ гуна китобҳоро хондаед?
2. Дар бораи афсона ё ки ҳикояи ба худатон маъқул нақл карда диҳед.
3. Аз «Китоби хониш» кадом асарҳо ба шумо писанд омад? Барои чӣ?

Бачагоне, ки китоб намехонанд дар оянда шахси баркамол шуда наметавонанд. Аз ҳамин сабаб бо китоб дӯст шуданамон лозим.

## ЧИЗИ АЗ ҲАМА ЗАРУР

Дар замони қадим як подшоҳ вазиру уламоҳояшро ҷеғ зада:

– Ба дунё чизи аз ҳама зӯр, зарур ва аз ҳама чиз хабардиҳанда чист? – гӯён савол додааст. Баъзе касон «Шамшер» гӯянд, баъзеи дигарашон «Сарват» гуфтаанд.

– Ба шумоён се рӯз муддат – гуфтааст подшоҳ аз ҷавобҳои онҳо дарғазаб шуда.

Дар давлати ҳамсоя як донишманд зиндагӣ мекардааст. Вазир онро ёфта, ба назди подшоҳ гирифта овардааст.

– Дар дунё аз ҳама чизи зарур чист? – гуфта пурсидааст подшоҳ.

– Китоб! – гуфтааст донишманд.

– Гузаштаро ҳикояткунанда таърих буда, имрӯзро аксгунанда оина мебошад, фардоро гуфта диҳанда ин мӯъҷиза китоб аст. Одаме, ки китоб намехонад нодон аст, дар он хонае, ки китоб намеоранд чун зимистони торик аст. Мана ман – аз деҳаи таваллуд шудаам берун набаромадаам. Лекин дар бораи тамоми дунё, халқҳои гуногун ва урфу одатҳои онҳо медонам. Ҳамаи инҳоро аз китоб хондаам.

Подшоҳ аз ҷавоби донишманд хурсанд шудааст:



http://eduportal.uz



– Ба саройам монда, маслиҳатгарам шав, – гуфтааст.

Лекин донишманд розӣ нашудааст. Тиллоҳое, ки подшоҳ ба ӯ инъом карда буд, аз бозор китобҳои бисёр харида ба деҳааш баргаштааст...

1. Барои чӣ донишманд ба сарой монданро нахост?
2. Китоб ба инсон чӣ гуна фазилатҳоро ташаккул медиҳад?
3. Дар хонаатон чӣ гуна китоб доштанатонро фикр кунед. Оиди ин китобҳо бо падару модаратон сӯҳбат кунед.
4. Аз китобхонаи оилавиатон рӯихати китобҳои ба синну солатон мувофиқ бударо тартиб диҳед.

http://eduportal.uz

# МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ
# «КИТОБИ ДӮСТДОШТАИ МАН»

## ТАЪРИХИ КИТОБ

Китоб яке аз кашфиётҳои бузурги инсоният аст. Он ҳазорҳо сол пеш пайдо шудааст. Китобҳои аввалин нафис буда, ба лой навишта хушк карда мешудааст. Баъдтар аз пӯстлоқи дарахт ва пӯсти ҳайвонҳо ба сифати китоб истифода бурдаанд.

Баъзе халқҳо фикрҳои худро ба санг, сафол, устухон ва дигар чизҳо навишта монда будаанд.

Аввалин китобҳои коғазин дар Хитой пайдо шудааст. Китобҳои аз коғази Самарқанд тайёр карда шуда низ машҳур будаанд.

Дар даври ҳозираи ривоҷёбии технологияи ахборотӣ низ қадру қимати китоб паст нашудааст. Чунки ҷойи дониши аз китоб меомӯхтаро ҳеҷ чиз гирифта наметавонад. Китоб хонед ва донишҳои дар давоми ҳазорсолаҳо ҷамъ кардаи инсониятро соҳиб шавед.





## ХОН КИТОБ

Гӯш бидеҳ, дугона,
Гӯям ба ту тарона.

Хоҳӣ, сад ғазал гӯям,
Саду як матал гӯям.

Қисса гӯям беҳисоб,
Ҳамаи ин аз китоб.

Китоб баҳо надорад,
Ғам аз дилҳо барорад.

Як китоби пурмаъно,
Беҳ аз як доман тилло.

Китоб хонӣ, доной,
Аз ҳама кас болой.

Дугона, ту ҳам биштоб,
Бекор нашин, хон китоб.

*Маҳбуба Неъматзода*



**Ҷадвали зеринро ба дафтаратон кашида, сифатҳои ба бачаи китоб омӯхта ва китоб наомӯхта хос бударо нависед.**

| Бачаи китоб омӯхта | Бачаи китоб наомӯхта |
|---|---|
| Доно | Нодон |
| | |
| | |
| | |
| | |

http://eduportal.uz

## Кроссвордро ҳал кунед.






**Ба бар:**

1. Ҷое, ки қалам гузошта мешавад.
2. Шоири бузург, асосгузори забони адабии ӯзбек.

**Ба қад:**



1. Қисми таркибии китоб.
2. Дар он ҷое, ки гандум захира мекунанд.
3. Фикри донои падар, п … насиҳат.

# БОБИ III. МЕҲНАТ – ШАРАФ АСТ

## МЕҲНАТ – ЗЕБИ ҲАЁТИ ИНСОН

**Мақолҳоро хонед. Бо воситаи ин мақолҳо чӣ гуфтан мехоҳад?**

Бе меҳнат роҳат нест.

Охири танбалӣ хорист.

Ҳар кӣ бисёртар кунад меҳнат,
Ҳар чӣ бисёртар барад роҳат.

Меҳнат зеби ҳаёти инсон аст. Чизу чора, либосҳое, ки мо истифода бурда таомҳое, ки истеъмол мекунем, ба туфайли меҳнат аст. Дасти одамизод гул аст. Вай агар хоҳад дар болои санг ҳам гул меруёнад, аз лойи оддӣ чизҳои нотакроре сохтанаш мумкин. Танбалӣ – одати бад аст. Одами танбал ҳеҷ гоҳ ба мақсадаш намерасад.

1. Меҳнат ба инсон чӣ медиҳад?
2. Афсонаи «Зумрад ва Қиммат»-ро ба ёд оред. Аз кадом фазилати Зумрад ибрат гирифтан мумкин? Барои чӣ ба Қиммат монанд шуданро намехоҳед?
3. Шумо ба кадом корҳои хона ба падару модаратон ёрӣ мерасонед?



http://eduportal.uz

Аз ҷадвали зерин хусусиятҳои ба меҳнатдӯстӣ хос бударо муайян кунед ва ба дафтаратон нависед.

| | |
|---|---|
| Ҷасорат | |
| Саъй кардан | |
| Танбал | |
| Масъулият | |
| Ҷасур | |
| Ботартиб | |

| | |
|---|---|
| Сабру тоқат | |
| Бекорхӯҷа | |
| Тартибу интизом | |
| Ҳасадгӯй | |
| Дурӯғгӯй | |
| Озодагӣ | |



**Кроссвордро ҳал кунед.**




**Ба қад:**

1. Номи духтари меҳнаткаши дар афсона буда.
2. Таги меҳнат … аст.
3. … ҳусни инсон аст.
4. Номи паҳлавони қадимаи халқи ӯзбек.

**Ба бар:**

1. ….. шараф аст.
2. ….. чароғи ақл аст.
3. Ба рӯзномаи бачаи танбал кадом баҳо бисёр мешавад.

http://eduportal.uz



## СУРУДИ МЕҲНАТ

Соҳиби обу замин,
Деҳқони ҳимматбаланд.
Бо бозувони матин,
Сахт занад ў каланд.
Анбори пури ғалла,
Маҳсули дастони ў,
Қаторкўҳҳои пахта
Ҳарфҳои достони ў.
Файзи дастархони мо,
Зи меҳнати деҳқон аст.
Ба бахти мо зинда бод,
Сандуқи мо пурнон аст.

***Асад Гулзода***



http://eduportal.uz

# ҚАДРИ ИНСОНИ ҲУНАРМАНД БАЛАНД АСТ

## Мақолҳо доир ба ҳунар

Ба як ҷавон чил ҳунар – кам.

***

Ҳунар дорӣ, хазинаи зар дорӣ.

***

Ё фазлу ҳунар бошад,
Ё моли падар бошад.

Дар маҳалли зисти шумо кадом намудҳои ҳунар ривоҷ ёфтааст?




http://eduportal.uz

Ҳар як инсон бо орзу ва мақсади худ бо воситаи дониш ва касбу ҳунараш мерасад. Илм ва касбу ҳунар дар ҳама замон қадр карда мешавад.

Ҷавононе, ки донишманд ва соҳиби касбу ҳунари пухтаанд, онҳо бойгонии кишваранд. Мамлакате, ки ҷавонмардонаш ҷасуру паҳлавон ва духтаронаш бошарму ҳаё буда, дар илм пешқадаманд онҳоро дунё мешиносанд.

Инсоне, ки илму ҳунар дорад, аз танбалӣ ва бекорхӯҷагӣ дур мегардад. Ӯ ҳеҷ гоҳ хор намешавад ва доимо дар иззату ҳурмат мегардад.









Ҷавононе, ки соҳиби касбу ҳунар шудан мехоҳанд, вақт ва имкониятҳо хеле бисёр аст. Аз ин бояд босамарона истифода бурда, вақтро беҳуда нагузаронидан лозим аст.

Неку бади ҳунар намешавад. Агар инсон онро бо меҳру шавқ омӯзад, ба шарафи устогӣ сазовор мешавад.

Инсон боигариашро аз даст доданаш мумкин, лекин ҳунари ӯро ҳеҷ кас кашида гирифта наметавонад.

## ОҚИБАТИ БЕҲУНАРӢ

Дар замони гузашта як бойи хасис будааст. Сарвати ӯ чунон ҳам зиёд будааст, ки ҳисобашро ҳатто худаш ҳам намедонистааст. Лекин аз ин сарват ба худаш ҳам ва ба дигарон ҳам ягон фоида набудааст. Вай чунон хасис будааст, ки боигариашро барои хӯрдану пӯшидан ва илму ҳунар сарф намекардааст.



Бой Аҳмад ном як писар доштааст. Рӯзе ӯ писарашро бо мақсади ҳунар омӯзонидан ба назди як ҳунарманд мебарад. Усто тартиб ва қоидаро ба бой фаҳмонида, барои ҳунар омӯзониданаш дар як моҳ як тилло музди ҳақ доданашро таъкид мекунад. Бой ин суханро шунида, табъаш хира шуда, писарашро баргашта гирифта мебарад.

Аҳмад дар ҷавонӣ илм ва ҳунар намеомӯзад. Пас аз вафот кардани падараш, бо зудӣ сарватҳои падарашро сарф карда, камбағал мешавад.

Вай аз дониш ва ҳунар наомӯхтанаш хеле афсӯс мехӯрад.

Моли хасис, ҳоли исрофгар ва аҳволи беилму ҳунар чунин мешавад.

1. Барои чӣ Аҳмад ба қадри сарватҳои аз падараш мерос монда нарасид?
2. Агар бой ба писараш ҳунар меомӯзонд ӯ чӣ гуна инсон шуда ба камол мерасид?
3. Шумо барои омӯхтани кадом ҳунар шавқу ҳавас доред? Оё дар ин бора ба падару модаратон гуфтаед?
4. Ба падару модаратон дар бораи ба кадом ҳунар шавқу ҳавас доштанатон нақл кунед ва фикрҳои онҳоро донista гиред.



http://eduportal.uz

# КӢ ШУДАНРО МЕХОҲАМ?

Шумо дар оянда кӣ шудан мехоҳед? Соҳибони ин касб чӣ гуна донишҳоро омӯхтанашон лозим?

Неку бади касбу ҳунар намешвад. Ҳамаи онҳо як хел фоидаоваранд.

Агар инсон аз рӯйи шавқу ҳаваси худаш дошта, касб интихоб кунад, ба муваффақият расиданаш осонтар мешавад.

Бо туфайли тараққиёти илму техника, намудҳои нав ба нави касбу ҳунар пайдо шуда истодааст. Масалан, дар соҳаи технологияи ахборотӣ дастурчӣ, веб-дизайнер, оператори компютер ва ғайраҳо.

Имкониятҳои технологияҳои ахборотӣ хеле васеъ аст. Барои мутахассиси ин соҳа шудан,





http://eduportal.uz

пайваста хондан ва омӯхтан талаб карда мешавад.

Дар охирҳои асри гузашта дар ҳар як хонадон компютер буданашро тасаввур кардан мушкил буд. Дар вақти ҳозира бошад, он дар ҳама соҳа мавҷуд аст.

Технологияи ахборотӣ умуман дар ҳама соҳаҳои нигаҳдории тандурустӣ, мудофиа, кор бо маълумотҳо ва таълим ворид шуд.

Аз ҳамин сабаб ба он касоне, ки касби худро хуб медонанд, талаб зиёд шуда рафта истодааст.

## ШИФОКОРӢ – КАСБИ БОШАРАФ

Ба шифокор чӣ гуна фазилатҳо буданаш лозим?

Шифокор бояд ба одамон дӯст ва меҳрубон бошад. Чунки вай ба одамон меҳр медиҳад.

Шифокор бояд ҷасур бошад. Чунки вай ба худаш аз нагузаштани бемориҳои хавфнок натарсида беморро даво мекунад.

Шифокор доимо хотирҷамъ буданаш лозим. Хотирҷамъӣ ва боварии ба худаш доштаи ӯ беморонро рӯҳбаланд месозад. Дар акси ҳол беморӣ авҷ мегирад ё ки табъи бемор хира шуда сиҳат шуданаш душвор мешавад.

Шифокор фидоӣ шуданаш лозим. Чунки вай ба ҳар як вазият ба одамон ёрӣ доданаш зарур аст.



http://eduportal.uz

Шифокор босабру тоқат бояд бошад. Барои баъзе беморонро даво кардан, моҳҳо ва ҳатто солҳо лозим мешавад.

Шифокор кунҷков ва меҳнатдӯст шуданаш лозим. Ӯ ҳамеша дониши худро зиёд карда, асрори табобати замонавиро омӯхтанаш шарт аст.






Тасаввур кунед, шумо рӯзноманигоред. Бо падару модаратон доир ба мавзӯи касб интихоб карданатон сӯҳбат кунед. Аз онҳо ба саволҳои зерин ҷавоб гиред ва ба дафтаратон нависед:

1. Аз чӣ сабаб айнан ҳамин касбро интихоб кардед?
2. Барои ин касбро соҳиб шудан чӣ қадар вақт ва меҳнат талаб карда мешавад?
3. Тарафҳои нек ва бади касбатонро гӯед.

http://eduportal.uz

**Ба фикрҳои зерин ҷавобҳои мувофиқро аз расмҳо ёбед ва ба дафтаратон нависед:**

1. Ба бачагон таълим ва тарбия медиҳад...
2. Инсонҳоро даво мекунад ...
3. Биноҳои зебо месозад ...
4. Таомҳои болаззат мепазад ...
5. Либосҳои нафис медӯзад ...
6. Роҳи дури одамонро наздик мекунад ...
7. Ватанашро муҳофизат мекунад ...
8. Нозу неъматҳои ҳархела парвариш мекунад ...



http://eduportal.uz

# ВАҚТИ ХОЛИИ МАН

**Дар вақти холигиатон чӣ корҳо кардан мехоҳед ба дафтаратон нависед.**

Яке аз алломаҳо: «Агар касе, ки рӯзашро бекор гузаронад, амали нек накунад, ба одамон сухани хуб нагӯяд, илм ё ки ҳунар наомӯзад, ба худаш ҷабр кардааст», гуфта будааст.

Вақтро қафо гардонидан намешавад. Барои ҳамин ҳам онро қадр карда, аз он бамаврид истифода бурдан лозим аст.

Ба халқамон мақоли «Вақтат рафт – бахтат рафт» мавҷуд аст. Аз вақт босамарона истифода бурдан лозим. Одаме, ки дар ҷавонӣ илм ва ҳунар меомӯзад, дар оянда албатта бахти худро меёбад.

Танбал ва бекорхӯҷаҳо вақти худро беҳуда сарф мекунанд. Дар натиҷа онҳо ба комёбиҳо сазовор шуда наметавонанд. Аз яке донишмандон пурсидаанд:

– Кадом як соати умр беҳуда гузашта ба ҳисоб меравад?

Донишманд ҷавоб додааст:

Агар имкони некӣ кардан бошаду некӣ накардан, имкони омӯхтани илм бошаду онро наомӯхтан соатҳои бекор рафтаи умр ба ҳисоб меравад.

http://eduportal.uz

Инсоне, ки вақти худро дуруст тақсим карда метавонад, дар ҳаёт ба бисёр комёбиҳо сазовор мегардад. Барои ҳамин ҳам дар вақти холигӣ бо чӣ корҳо машғул шуданамонро муайян карданамон лозим аст.

**Дар вақти холиатон чӣ кор мекунед?**

| | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| Ба корҳои хона ёрӣ мерасонам | | |
| Китоб мехонам | | |
| Хоб мекунам | | |
| Бо спорт машғул мешавам | | |
| Бозиҳои компютериро мебозам | | |
| Телевизор тамошо мекунам | | |
| Бо рафиқонам бозӣ мекунам | | |
| Забони ...–ро меомӯзам | | |
| Ҳунар меомӯзам | | |
| | | |
| | | |

Ба дафтаратон ҷадвалро кӯчонед ва дар вақти холиатон боз чиҳо карданатонро муайян кунед.
Миқдори ҷавобҳои дар ҷадвал «Ҳа» ё ки «Не» гуфтаатонро муқоиса кунед. Ба кадом яке аз ин саволҳо ҷавоби «Не» гуфтан фоиданоктар аст.



http://eduportal.uz

**Сандуқчаи шавқу ҳавасҳоро бо шавқу ҳавасҳои доштаатон пур кунед. Шумо боз бо чиҳо шавқу ҳавас доред?**




1. Дар давоми рўз кадом корҳоро иҷро кардаед, нависед.
2. Барои пагоҳирўзӣ чӣ гуна нақша кашидаед?

# МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ. ТАРТИБИ РӮЗ

Тартиби пагоҳирӯзии Даврон оё дуруст таҳия шудааст? Пайиҳамиро нигаҳ дошта, аз дигар тартиб диҳед?

Дафтару китобҳои даркориро ба сумкааш ҷойгир кард. Ҷояшро ба тартиб овард. Дасту рӯй ва дандонашро шуст. Либосҳояшро пӯшид. Ба падару модараш салом дод. Ба мактаб рафт.

Бо ҷадвали «Тартиби рӯз» шинос шавед. Шумо ҳам оё рӯзро дар асоси ҳамин тартиб мегузаронед? Ба ҷадвали зерин вақтро гузошта, ба дафтаратон ишора кунед.

| Тартиби рӯз | Вақт | Тартиби рӯз | Вақт |
|---|---|---|---|
| Аз хоб хестан | | Ба маҳфил ва машғулоти варзишӣ рафтан | |
| Тарбияи бадан ва шустушӯ | | Кӯмак ба корҳои хона | |
| Ноништа | | Хӯроки бегоҳӣ | |
| Ба мактаб рафтан | | Тайёр кардани дарс | |
| Бозгашт аз мактаб | | Сӯҳбати оилавӣ | |
| Хӯроки нисфирӯзӣ | | Тамошои телевизор | |
| Истироҳат | | Хобидан | |

http://eduportal.uz

# БОБИ IV.
# НАМУДИ ЗОҲИРӢ – ЗЕБИ ИНСОН

## ОДОБИ ЛИБОСПӮШӢ

Ба куҷо ба чӣ гуна либос рафтан лозим?

Чӣ хел будани инсонро аз тарзи либоспӯшиаш ҳам донистан мумкин. Барои инсоне, ки ба одоби либоспӯшӣ риоя карда, сару танаш озода аст, муносибат ҳам хуб мешавад.

Барои ба одоби либоспӯшӣ риоя кардан, либосҳои қиммат пӯшидан шарт нест. Муҳимаш, либосҳо дуруст интихоб шуда, он бояд тоза ва дарзмол карда шуда бошад.

### Одоби либоспӯшӣ

- либосҳоро тоза ва покиза нигоҳ дошта пӯшидан;
- ҳангоми хӯрокхӯрӣ либосҳоро ба доғ накардан ҳаракат кардан;
- либосҳоро ба ҷевонҳои махсус ва чангакҳо нигоҳ доштан;
- либосҳоро бетартиб ба ҳар гуна ҷой напартофтан;
- тугмаҳоро дӯхта, бандакҳои пояфзолро баста гаштан;
- пояфзолро ҷуфт карда, ба ҷойи худаш гузоштан;
- ҳамеша дар ҷайб рӯмолча гирифта гаштан.

http://eduportal.uz

Ба либосҳои бачагони дар расм буда эътибор диҳед. Онҳо чӣ хел пӯшидаанд? Ин либосҳо барои кӯчо рафтан пӯшида мешавад?



**Ба ҳаракати Дилноза баҳо диҳед. Оё ба шумо ҳам ин гуна ҳолатҳо шудааст?**

– Дилноза, либоси мактабиатро шуста, дарзмол карда мондам, - гуфт модараш.

– Не, имрӯз ба мактаб куртаи навамро пӯшида меравам, - гуфт Дилноза.

– Духтарам, вай куртаро ҳангоми ба меҳмон рафтан мепӯшӣ- ку.

– Не, ба мактаб пӯшида меравам, онро ба дугонаҳоям нишон медиҳам. Набошад, ба мактаб намеравам...



http://eduportal.uz

## Ба Дилшод чӣ гуна маслиҳат медиҳед

Дилшод то мактаб омадан сагу гурбаҳои дар кӯча бударо пеш мекунад, санг меғуронад. Сангҳои партофтаи ӯ баъзан ба одамон ҳам мерасанд. Дилшод ба ҷойи узр пурсидан, роҳи гурезро пеш мегирад. Рӯзе ӯ оинаи тирезаи Салимбоборо низ шикаст.

Дилшод дар дарс ҳам ором нишаста наметавонад. Ба партаву девори синф суханҳои ҳар хела навишта, расм мекашад. Ҳамсинфонро ба гап гирифта, диққаташонро парешон месозад.

Дилшод ба чизу чораи худаш ҳам раҳм намекунад. Як рӯз дафтару ручка, рӯзи дигар либоси спортиашро гум мекунад. Роҳи рост истода, доимо аз канори роҳи лойолуд ва сангфарш мегардад. Аз ҳамин сабаб, падару модараш ба ӯ тез-тез либосу пойафзоли нав харида медиҳанд. Ба Дилшод маслиҳати шумоён лозим аст. Ба вай чӣ гуна маслиҳат медиҳед?





**Дар бораи либосҳоро чӣ тавр нигоҳ доштан матн созед.**



http://eduportal.uz

# ОРОСТАГӢ – ЗЕБИ ИНСОН

Оростагӣ дар озодагӣ, тарзи либоспӯшӣ, рафтор ва чизҳоро чӣ гуна нигаҳдорӣ кардани инсон маълум мешавад. Ба инсони ороста ҳама ҳавас мекунад.

## ОРОСТАГӢ ЧӢ ГУНА ХУБ АСТ

Акмал дар синфи 3-юм мехонад. Дар дарси «Одобнома» омӯзгор дар бораи чӣ хел шудани бачаи ороста сухан кард. Акмал суханони устодро шунида, аз худаш шарм кард. Зеро ӯ худашро донишомӯзи ороставу ботартиб намеҳисобид. Акмал аз ҳамин рӯз эътиборан ороста мешавам гуён савганд хӯрд.

Ба хона рафта туфлиашро пок карда, ба ҷояш гузошт. Сумкаашро чун ҳарвақта дар назди дар нагузошт, балки ба хонааш даровард. Либосҳояшро ба ҷевон овехт. Бетартибии рӯйи мизро дида, онро ба тартиб овард. Дасту рӯяшро шуста, мӯяшро шона зад. То модараш аз кор омадан, зарфҳои ошхонаро шуста, чангҳоро пок кард.

Аз он модараш хурсанд шуда гуфт:

– Ҷонам ба писари ороставу боақлам, гуфта таъриф кард.

http://eduportal.uz

– Модарҷон, акнун хонаамро худам меғундорам. Шумо рӯзи дароз кор карда монда мешавед. Аз имрӯз эътиборан бо хоҳарам барои иҷрои корҳои хона ба Шумо кӯмак мерасонам, – гуфт. Модар аз суханҳои Акмал хурсанд шуд.



Бачае, ки чизҳояш саранҷом, либос ва сару рӯяш тозаю озода аст ба ҳама маъқул мешавад. Ҳар як бача чизҳояшро бо тартиб нигоҳ доштанро одат карданаш лозим.

1. Асбобҳои хонишро чӣ гуна нигоҳ доштан лозим аст?
2. Ба фикри шумо, ба ин қоидаҳо боз чӣ гуна иловаҳо кардан мумкин?



http://eduportal.uz

1. Варақҳои китобро надаронда, қат накарда ба он хат накашидан лозим. Бурида гирифтани расмҳои китоб аз рӯйи одоб нест. Саҳифаҳои даридаи китобро ширеш кардан ва изҳои дасту қаламро бо хаткушак тоза кардан зарур.
2. Дафтарро бо ҷилди махсус печонида, ба он чизҳои зиёдатӣ нанавиштан лозим.
3. Агар қаламҳо дар қаламдони махсус нигоҳ дошта шаванд, нӯгҳояшон намешиканананд.
4. Шireши моеъ ва рангҳои равғанинро дар ғилофи махсус, ё ки ба қисми алоҳидаи сумка нигоҳ доштан лозим

**Ба расмҳо диққат диҳед. Ба бачагон ном гузоред ва дар асоси манзарае, ки дар расм тасвир ёфтааст, ҳикоя тартиб диҳед.**





http://eduportal.uz

# БОБИ V. ОЛАМЕ, КИ МО ЗИНДАГОНӢ МЕКУНЕМ

## АЗ НЕЪМАТҲОИ ТАБИАТ ОҚИЛОНА ИСТИФОДА БУРДАН

**Неъмат** – чизҳое, ки барои ҳаёти инсон зарур аст. Ба мисли об, ҳаво, газ ва ғайраҳо.

**Сарфакорӣ** – қадр кардани неъматҳо ва бо меъёр истифода бурдани онҳо.

**Исрофкорӣ** – қадр накардани неъматҳо ва аз меъёр зиёд истифода бурдани онҳо.

Сарфакорӣ – фазилати хуб аст. Дар оилаи инсони сарфакор барака ва дар кораш самара мешавад. Касе, ки тамоми бисоташро сарфакорона истифода мебарад, ба солҳои зиёд мерасад.

Исрофгарӣ яке аз одатҳои бад аст. Аз ин рӯ, падару бобоён ба сарфакорӣ даъват кардаанд.

Дар ҳадис ҳам: «Агар касе, ки дар ҳаёт сарфакор бошад, зинҳор ба қашшоқӣ намеафтад» гуфта шудааст. Шахсе, ки аз ҷавонӣ ба сарфакорӣ одат мекунад, ба ҳеҷ чиз зор намешавад.

Дар ҳаёти ҳаррӯзаамон аҳамияти энергияи электирикӣ хеле калон аст. Бе чароғҳои кӯча ва хонадонамонро равшанкунанда ҳаётамонро тасаввур кардан хеле мушкил аст.

Аз ҷиҳозҳои техникие, ки онҳо бо энергияи электрикӣ кор мекунанд ҳар рӯз истифода мебарем.

http://eduportal.uz

Агар яхдон, телевизор, дарзмол, компютер ва дигар чизҳо кор накунад, ба кадом ҳолат дучор мешавем? Агар дар хона чароғ набошад – чӣ?

Энергияи электрикӣ манбаи тамомнашаванда нест. Онро бо воситаи сарфа кардан, ба оиламон ва мамлакатамон фоида меоварем.

Неъматҳои табиат барои авлоди оянда низ хизмат карданашро фаромӯш накунед.

1. Рӯйхати ҷиҳозҳои дар хонадонатон бо энергияи электрикӣ кор кунандаро тартиб диҳед.
2. Оё шумо қоидаҳои чӣ тавр кор кунонидани онҳоро медонед?
3. Аз ҷиҳозҳои элекрикӣ бемаврид истифода бурдан, ба чӣ гуна оқибатҳо оварда расониданаш мумкин?

Бачаи боодоб асбобу анҷом ва чизу чораи дар мактаб ва ҷойҳои ҷамъиятӣ бударо низ эҳтиёт карданаш лозим. Зеро ин чизу чораҳо ба бародару хоҳаронамон ва дигарон ҳам хизмат карданаш зарур.

## ПАНДИ МОМО

Анвар пагоҳӣ саросемавор ноништа кард. Вай порчаи калони нонро гирифта, як-ду маротиба газид, чойи ширинро ҳам то охир нанӯшид. Инро момояш, ки назорат карда меистод, ба ӯ гуфт:

– Бачаам, нонро то охир хӯрда, чойро нӯшӣ намешавад?

– Шикамам сер шуд, хӯрданам наомад.

Ин корат хуб нест, бачаҷонам. Ҳар як чизи ба худат мувофиқашро гир, аз он зиёдаш исроф мешавад. Дар ёдат бошад, исрофгарӣ одати аз ҳама бад аст. Ҳар як чиз уболи худро дорад. Чиро хор кунӣ, ба он зор мешавӣ. Вақтҳое шудааст, ки одамон барои як бурда нон ҷон додаанд. Ин рафтори ту ба серӣ шӯхист. Минбаъд зинҳор ин тавр накун. Чизи бароят заруриро бигир!

– Хуб, момоҷон, – гуфт Анвар ва барои ин суханҳоро аз ёд набаровардан ваъда дод.

Дар ҳаёт ба воситаи сарфакориамон нафақат ба оилаамон, балки ба давлатамон низ фоида меоварем. Бо воситаи ҷумраки оби беҳуда ҷоришуда истодаро маҳкам кардан, чароғи фурӯзон ё ки гӯшаки газро хомӯш кардан, чӣ қадар маблағҳоро сарфа кардан мумкин.

1. Неъматҳои табиатро сарфакорона истифода бурдан гуфта чиро мефаҳмед?
2. Исрофкорӣ ба кадом оқибатҳо оварда мерасонад?
3. Шумо худатонро оё сарфакор меҳисобед? Ба фикратон мисолҳо оваред.



http://eduportal.uz

# ОБ – МАНБАИ ҲАЁТ

1. Ҳаёти беобро оё тасаввур кардан мумкин аст?
2. Дар давоми рӯз аз об барои чӣ ва бо кадом мақсад истифода мебаред?

Об – манбаи ҳаёт аст. Дар ҷое, ки об нест, ҳаёт ҳам намешавад. Ҷонзотҳо ҳам, растаниҳо ҳам бо об зинда аст.

Об манбаи адонашаванда нест. Аз ҳамин сабаб онро қадр кардан лозим. Дар қадим бобоёнамон бо об туф кардан, ба он партофтани ахлоти ҳархеларо гуноҳ ҳисобидаанд. Шахси обро ифлос кардаро ҷазо додаанд.

Дар дунё мамлакатҳое бисёранд, ки об барояшон хеле кам аст. Дар давлатҳои Африкаву Араб одамон обро бар ивази тилло мехаранд. Қадр кардану сарфаи об вазифаи ҳар яки мо мебошад.

## ҚАДРИ НОНУ ОБ

Дар замонҳои қадим як бой ва як камбағал ба сафари дурудароз мебароянд. Онҳо ба манзил аз дашту биёбонҳо гузаштанашон лозим будааст. Одами бой як халта тиллою ҷавоҳир бо худ гирифта будааст. Камбағал бошад, як халта пури нон ва як меш об гирифтааст. Онҳо роҳи дуру дарозро тай намудаанд. Аз гуруснагӣ ва ташнагӣ мадори бой намондааст.

– Эй, дӯстам, ба тиллоҳоям бовар карда, хатои калон карда будаам. Ба ман ҳам аз нону обат деҳ, – гуфтааст бой. Ҳамроҳаш ба ӯ обу нон додааст. Ба туфайли ҳамин онҳо ба манзил сиҳату саломат рафта расидаанд.

Хулоса ин ки, обу нон аз ҳар гуна тиллою ҷавоҳир ҳам қимату боқадр аст.

1. Аз ин ривоят чӣ хулоса баровардед?
2. Чизҳои барои зиндагии инсон зарур бударо шуморида диҳед?

**Барои сарфа кардани об ба инҳо риоя кунед:**

1. Оби аз ҷумрак беҳуда рехта истодаро маҳкам кунед.
2. Ба ҷӯю ҳавзҳо ҳар гуна чиз ва партовҳоро напартоед.
3. Аз оби беҳуда рехта истода калонсолонро хабардор кунед.
4. Ҳангоми истифодаи об ба меъёр риоя кунед.

Дар бораи ба кадом мақсад ва барои чӣ истифода бурдани об мулоҳиза ронед. Ҷавобҳоятонро ба дафтаратон дар намуди зерин нависед.




http://eduportal.uz



## ОБИ ҲАЁТ

Оби ҳаётӣ,
Оби наботӣ.
Бар деҳаи мо
Бахту нишотӣ.
Аз қалби сангӣ,
Оинарангӣ,
Чун тори ҷӯрӣ,
Ҳай шӯху шангӣ.
То ҳаст олам,
То ҳаст одам,
Обат нагардад
Як қатра ҳам кам!

***Қурбон Муҳаммадӣ***

Шеъри «Оби ҳаёт»-и Қурбон Муҳаммадиро аз ёд кунед. Дар бораи муносибати оилаатон ба об ва аз он чӣ тавр истифода бурдан нақл кунед



http://eduportal.uz

# МАН ТАБИАТРО ЧӢ ТАВР ЭҲТИЁТ КАРДАНАМ МУМКИН?

1. Бо дастони худ оё кӯчат шинондаед? Онро чӣ тавр парвариш кардан лозим?
2. Дар бораи табиати ба худ хоси деҳа (шаҳр)- атон накл кунед.

Инсонҳо, растаниҳо ва ҷонварон як қисми табиат ба ҳисоб мераванд. Барои нафас кашидан ва зиндагӣ кардани ҳар як ҷони зинда об, ҳаво ва хӯрокворӣ лозим аст. Ҳамаи инҳо дар табиат мавҷуданд. Табиат хонаи умумии мост. Нигаҳ доштани он вазифаи ҳар яки мо аст.

Наргиза ва Азизбек ҳангоми эҳтиёт кардани табиат ба қоидаҳои зерин амал мекунанд. Шумо ба ин қоидаҳо боз чӣ гуна иловаҳо дохил карданиед?

1. Шинондани дарахту гулҳо ва парвариши онҳо;
2. Сарфаи об ва ифлос накардани он;
3. Напартофтани ахлот ба ҳар ҷо;
4. Насӯхтани хазонҳо;
5. Ба ҷонварон озор нарасонидан.

1. Оё бо оилаатон ё ки дӯстонатон ба саёҳат баромадаед?



http://eduportal.uz

2. Зарфҳои нӯшокӣ ва хӯрданиҳои барои саёҳат гирифтаатонро ба куҷо партофтан лозим?
3. Дар вақти саёҳат оё гул ва растаниҳоро кандан ё ки шохи дарахтонро шикастан мумкин аст?

## Вазъиятҳои зеринро таҳлил кунед

**Вазъияти 1.** Тасаввур кунед: аз мактаб ба хона баргашта истодаед. Дар кӯча як гурӯҳ бачагон ба тӯдаи хазон оташ заданашонро дидед? Дар ин гуна вазъият чӣ хел роҳ пеш мегирифтед?

**Вазъияти 2.** Бо дӯстон бозӣ доред. Яке аз дӯстонатон дар шохи дарахте лонаи паррандаеро дида монд. «Шояд дар хонааш бачаҳои паррончакаш бошад. Биёед, онро мегирем» гӯяд ӯ. Шумо чӣ кор мекардед?

## САЁҲАТ ДАР ОҒӮШИ ТАБИАТ

Дар дарси табиатшиносӣ донишомӯзони синфи 3-юм бо устодашон дар бари табиат ба саёҳат бароманданд. Устод роҳравон ба бачагон дар бораи модар табиат ва чӣ гуна муҳофизат кардани он нақл карда дод.



http://eduportal.uz

– Оҳо, ин обро бинед чӣ хел шаффоф, гуфт Фаррух.

– Дар баҳор обҳо соф ҷорӣ мешаванд. Мусаффогию тозагии онро нигоҳ доштан лозим. Падару бобоёнамон ба об ҳар хел партовҳо партофтанро гуноҳ донистаанд – гуфт устод. – Пудина, қав ва чағчағи дар лаби об бударо дида истодаед? Онҳо дар баҳор ба инсон қувват мебахшанд. Модаронамон аз онҳо таомҳои ҳархела мепазанд.

Мафтуна ба дарахтон нигоҳ карда, завқи худро пинҳон карда натавонист:

– Мана ин чӣ гуна дарахт аст, устод?

– Ин дарахти санҷид аст. Гулҳои он хушбӯй ва меваааш низ шифобахш мебошад. Дарахтон ҳаворо тоза карда, саломатии моро ҳимоя мекунанд. Мо ҳам онҳоро муҳофизат карданамон лозим.

– Хонишҳои хуши паррандагонро шунида истодаед? – гуфт Акмал.

– Ин паррандаҳо дар баҳор аз ҷойҳои дур парида меоянд, гуфт – устод. – Паррандаҳо лона сохта, барои калон кардани чӯҷаҳо тайёрӣ мебинанд. Баъзе бачаҳо лонаи онҳоро вайрон карда, ба онҳо озор мерасонанд. Шумоён асло ин тавр накунед.

Донишомӯзон маза карда дар бари табиат истироҳат карданд. Ҳангоми бозгашти саёҳат устод гуфт:



http://eduportal.uz

– Донишомӯзони азиз, чӣ қадар зебо ва босаховат будани табиатро дониста гирифтед. Муҳофизат намудани модар табиат яке аз вазифаҳои асосии мо буданашро ҳамеша дар ёд доред.



1. Ба табиат барои чӣ калимаи «модар»-ро ҳамроҳ карда мегӯем?
2. Барои чӣ табиатро муҳофизат кардан лозим?
3. Барои муҳофизати табиат шумо чӣ гуна ҳисса мегузоред?



http://eduportal.uz

## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

## ТАБИАТЕ, КИ МАН ДАР ОН ҶО ЗИНДАГОНӢ МЕКУНАМ

1. Дар бораи табиати ҷойи зистатон нақл карда диҳед.
2. Ҳудуде, ки шумо дар он ҷо зиндагӣ мекунед аз дигар ҷойҳо бо кадом ҷиҳаташ фарқ мекунад?

Модар – Сайёраи мо Замин аст. Замин барои зиндагонӣ кардан сайёраи хеле қулай мебошад. Он аз обҳо, кӯҳу пиряххо, чӯлу биёбон ва ҷангалзорҳо иборат аст. Замин инсонҳо, ҳайвонот ва растаниҳоро ба оғӯши худ гирифтааст.

Барои давом ёфтани ҳаёт ҳар як ҷонзот ва набобот вазифаву мақоми худро дорад.

Табиат дар асоси тартиби қатъӣ зиндагӣ ба сар мебарад. Дар он нест шудани ягон наботот ва ё ҳайвонот ба халалдоршавии ин тартиб сабабгор мешавад. Ин бошад, офатҳои табиии ҳархеларо ба вуҷуд меорад.

Барои зиндагии тамоми мавҷудоти зинда ҳаёт бояд дар мароми худ бошад. Барои дар рӯйи Замин нигоҳ доштани ҳаёт ҳар яки мо масъулем.

Инсон барои ҳаракатҳои худ ҷавобгар аст. Вай оқибати ҳар як корро фикр карданаш лозим аст.



http://eduportal.uz

Ба ин чархи ақл ҷавоб ёфта, онро ҳал кунед.

1. ....зеби ҳаёти инсон аст?
2. Тозагӣ гарави ... аст.
3. Нон ҳам нон, ... ҳам нон.
4. Қатра-қатра ... шавад.
5. Ҷомаи бомаслиҳат ... номе шавад.
6. ... чен куну як бор бур.
7. Об манбаи ... аст.




Табиати ҳудуде, ки дар он ҷо зиндагонӣ мекунед тасвир карда диҳед.

http://eduportal.uz

# БОБИ VI. МАДАНИЯТИ МИЛЛӢ

## ИДҲО ВА УРФУ ОДАТҲОИ МИЛЛӢ

1. Дар оилаи шумо маросимҳои зодрӯз чӣ хел ҷашн гирифта мешавад?
2. Шумо ҳам оё ба тӯй ё ки маросимҳо иштирок кардаед? Онҳо бо кадом ҷиҳатҳояш шавқовар аст?
3. Ҳангоми ба хона меҳмон омадан ба калонсолон чӣ гуна ёрӣ мерасонед?

Ҳар як халқ вобаста ба шароити зиндагиаш урфу одат, идҳо ва маросимҳои худро дорад. Пас аз мустақил шуданамон қадриятҳои миллиамон аз нав барпо карда шуд. Наврӯз, ҳайитҳои Қурбон ва Рамазон ба қатори идҳои умумихалқӣ ҷашн мегирифта шуданд.

Дар оила аз таваллуд шудани кӯдак то вақти пириаш якчанд маросимҳо гузаронида мешавад. Ба кӯдак ном гузоштан, гаҳворабандон кардан, тӯйи суннатӣ, синни мучал ва тӯйи никоҳ аз ҷумлаи ҳаминҳоянд.

Дар замони қадим, оиди ягон вазифа ё ки барои ба амал баровардани корҳои ободонӣ ҳашарҳо мегузаронидаанд. Ҳашар қадриятест, ки халқро ба иттифоқию меҳру оқибат ҳидоят кардааст.

http://eduportal.uz

Меҳмондӯстӣ - фазилати ба халқамон хос аст. Бобо ва момоёнамон меҳмонро ба пешгаҳи дастурхон гузаронида, бо таомҳои болаззат меҳмондорӣ карданро меомӯзанд.

Урфу одат ва маросимҳои миллӣ – бойгонии мост. Онҳоро қадр карда, ба авлоди оянда вогузоштан вазифаи ҳар яки мост.

**Дар расмҳои зерин чӣ гуна урфу одат ва маросимҳо тасвир ёфтааст?**



**Супориш**

Барои урфу одат ва маросимҳоро акскунанда расм кашидан ҳаракат кунед.

1. Чӣ гуна идҳои миллӣ ва умумихалқиро медонед?
2. Муносибати шумо дар бораи бачагоне, ки рӯзҳои ид қаҳр мекунанд ва табъи дигаронро хира мекунанд чӣ хел аст?

Наврӯз – иди халқии қадима аст. Аҷдодонамон омадани баҳор ва бедории табиатро ба сифати соли нав ҷашн гирифтаанд.

Иди Наврӯз намоиши урфу одатҳо ва меҳру оқибат аст.

9-уми май – рӯзи хотира ва қадр кардан аст. Дар ин рӯз хотираи гузаштагон ба ёд оварда мешавад. Аз ҳоли ба меҳр мӯҳтоҷон ва пиронсолон хабар гирифта мешавад.

1-уми сентябр – санаи муборак буда, рӯзи Мустақилиро ҷашн мегирем.

Ҳар сол 1-уми октябрро ҳамчун рӯзи устодон ва мураббиён ҷашн мегирем. Дар ин рӯз ҳама ба устодони худ, ки таълим додаанду ҳунар омӯзонидаанд ба таъзим мешаванд.

8-уми декабр иди Сарқонунамон – рӯзи Конститутсияро ҷашн мегирем.

Иди Соли Нав аз тарафи халқҳои дунё бо хурсандии калон истиқбол гирифта мешавад.

8-уми март – рӯзи занон ва духтарон буда, ҳурмату эҳтиромамонро нисбати модарону хоҳарони азизамон баён месозем.

Идҳои ҳайити Рамазон ва Қурбон идҳои динӣ буда, моро ба меҳру оқибат ва некӣ кардан ҳидоят мекунад.



http://eduportal.uz

Дар идҳои умумихалқӣ меҳмон қабул кардан, либосҳои нав пӯшидан ва ба сайру гаштҳо баромадан ба анъана даромадааст.

Идҳо, тӯй ва маросимҳоро ба урфу одатҳоямон амал намуда, бо тарзи ихчаму соз ва сарфакорӣ гузаронидан ҳаракат кардани мо лозим аст.

Санаҳои зерин ба сифати кадом рӯз ҷашн гирифта шуданашро аз сутуни дуюм ёфта, ба дафтаратон нависед.

| | |
|---|---|
| **1 – уми январ** | Рӯзи мустақилӣ |
| **8 – уми март** | Рӯзи хотира ва қадр кардан |
| **21 – уми март** | Рӯзи Конститутсия |
| **9 – уми май** | Наврӯз |
| **1 – уми сентабр** | Соли нав |
| **1 – уми октабр** | Рӯзи занон ва духтарон |
| **8 – уми декабр** | Рӯзи устодон ва мураббиён |

**Одоби ба ид рафтан ва худидоракунӣ:**

- либосҳои зебо пӯшидан;
- бо кайфияти хуш будан;
- атрофиёнро бо ид табрик кардан;
- ба наздикон тӯҳфаҳо супоридан;
- аз ҳоли беморон ва пиронсолон хабар гирифтан;
- дили инсонҳоро наранҷонидан ва хафа накардан;

... қатори зеринро давом диҳед.



http://eduportal.uz








Ба расмҳо эътибор диҳед. Дар онҳо идҳои миллии миллатҳои гуногуне, ки дар Ӯзбекистон истиқомат мекунанд акс ёфтааст. Кадом идҳои дигар халқҳоро медонед? Дар бораи онҳо маълумот ҷамъ кунед.

# ЭҲСОСИ МЕҲРУ ШАФҚАТ ВА МУРУВВАТ

1. Чӣ гуна одамҳоро инсони хуб гуфта фикр мекунед?
2. Шумо ҳам ба ягон кас некӣ кардаед?

Меҳру шафқат ва мурувват яке аз беҳтарин фазилатҳо буда, халқамон онро ҳамеша қадр карда меоянд. Халқҳои тоҷик ва ӯзбек дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳон намунаи олии меҳру шафқат ва мурувватро нишон додаанд. Ба инсонҳое, ки аз ватанашон ва наздиконашон ҷудо гаштаанд, дар хонаашон ҷой додаанд. Бачагони аз падару модарашон ҷудо гаштаро ба тарбияи худ гирифта, сарашонро навозиш кардаанд.

Дини муқаддасамон низ одамонро барои меҳру шафқат ва мурувватнок шудан даъват мекунад. Дар ҳадисҳо: «То ба ҳамдигар бомеҳру мурувват нашавед, мӯъмин намешавед», гӯён марҳамат карда шудааст.

Аз ҳоли касе хабар гирифта, ба ӯ аз рӯйи меҳру шафқат дилашро бардоштан – кори савоб аст.

Аз ҳамин сабаб падару бобоёнамон ба пиронсолон, ногирон ва мӯҳтоҷон ёрӣ расониданро қарзи инсонӣ ҳисобидаанд.

http://eduportal.uz

Ҳайвонҳо аз қадим дӯсти наздик ва ёрирасони инсон шуда омадаанд. Онҳо сухан кардан натавонанд ҳам меҳру шафқат ва некиро эҳсос мекунанд. Одамро аз муносибати ба ҳайвон доштааш чӣ гуна инсон будани ӯро донистан мумкин.

Барои меҳр нишон додан бой ё ки пурқудрат будан шарт нест. Ба одамон дар вақти зарурӣ ёрӣ расонидан ва сухани ширин гуфтан низ меҳру мурувват аст.

Дар китобҳои муқаддас одамон ба ҳамдигар меҳрубон, бомурувват ва аҳлона зиндагӣ карданашон қайд карда шудааст. Инчунин, барои инсонҳое, ки кори савоб мекунанд дарҳои некӣ доимо кушода буданаш таъкид карда шудааст.

## НЕКӢ ФАРОМӮШ НАМЕШАВАД

Луқмони Ҳаким доимо ба дигарон некӣ мекардааст. Одамон меҳру шафқат ва саховати ӯро шунида, аз дигар шаҳр ва деҳаҳои дур ёрдам пурсида меомадаанд. Дар яке аз рӯзҳо шахси ношинос ба ҳузури ӯ омада мегӯяд:


http://eduportal.uz

– Эй Луқмон, ман савдогари машҳур будам. Бо баъзе сабабҳо корам ба қафо рафта, аз ҳама чизам ҷудо шудам. Аз дастам ҳеҷ кор намеояд, касбу ҳунар надорам. Аз ту қарз пурсиданӣ омадам.

Луқмон аз хонааш як халта пул бароварда, ба дасти савдогар медиҳад. Ин ҳолатро писараш дида меистод, ба падараш нигариста:

– Падар, ин қадар пулро ба як шахси ношинос дода фиристодед. Вай фиреб дода, гурехта равад чӣ кор мекунед?- гуфт.

– Эй писарам, – гуфт Луқмон, одамон ҳеҷ вақт некиро фаромӯш намекунанд. Муваққаттан онҳо аз ту рӯй гардонанд ҳам, рӯзе мерасад ба инсоф медароянд. Инсон то аз дасташ ояд ба дигарон некӣ кунад ва некии ба онҳо кардаашро бояд фаромӯш кунад. Аммо некии ба худаш кардаи дигаронро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накарданаш лозим.

1. Аз падару модаратон ё ки бобою момоатон дар бораи чӣ будани меҳру шафқат ва мурувват пурсед.
2. Дар бораи некӣ шеър ё ки ҳикоя хонда оед ва мазмунашро ба ҳамсинфонатон нақл карда диҳед.

# ОИЛА – МАСКАНИ ТАРБИЯ



Оила – даргоҳи муқаддас аст. Инсон дар бари оила ба камол мерасад. Дар оилаҳои тоҷику ӯзбек бобою момо ва падару модарро ҳурмат намуда, хурдонро иззат мекунанд.

Ҳар як оила дар эътибор ва ғамхории давлатамон аст. Тарбияи ҷавонон ва ба камол расонидани онҳо, омӯзонидани илму ҳунар – анъанаи ба худ хоси оилаҳои тоҷику ӯзбек мебошад.

Тарбия ба воситаи панду насиҳати бобою момоҳоямон, корҳои ибратноки падарон ва меҳри модарон аз авлод ба авлод мегузарад. Барои тарбияи авлоди ҷисмонан солим ва маънан баркамол роли оила беқиёс аст.



http://eduportal.uz

Дар Конститутсияамон низ боби «Оила» дохил карда шудааст. Дар он оила қисми асосии ҷамъият ва дар муҳофизати давлат буданаш муайян карда шудааст.

**Моддаи 63-юми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон:**

Падару модарон фарзандони худро барои то ба балоғат расидан парвариш ва тарбия кардан маҷбуранд.

* * *

**Моддаи 64-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекист:**

Фарзандони ба балоғат расида ва ба меҳнат лаёқатнок барои ба падару модарашон ғамхорӣ кардан маҷбуранд.

## ОИЛАИ МАН

Мо дар оила чор нафарем: падару модарам, хоҳарам ва ман. Дар оилаамон ҳар як инсон мавқеи худашро дорад.

Ҳамаамон як оила шуда, ба атрофи дастурхон ҷамъ мешавем ва дар як вақт мехезем. Ҳар яки мо вазифаи худро дорем. Ман ва хоҳарам ба корҳои хона ба падару модарам ёрӣ мерасонем.

http://eduportal.uz

Падару модарамон ба мо иттифоқ, боодоб ва меҳнатдӯст шуданамонро меомӯзанд.

Ман дар дунё хушбахттарин исонам. Чунки оилаи ман ҳаст.

Оила масканест, ки инсонҳо ба ҳамдигар бо меҳр ёрӣ расонида, якҷоя зиндагӣ мекунанд. Онро ҳимоя ва қадр кардан зарур.







Дар бораи оилаатон ҳикояи хурд тартиб диҳед. Дар оила вазифаи шумо аз чӣ иборат аст.

http://eduportal.uz

# ПИРОНСОЛОНРО ЭЪЗОЗ НАМОЕМ

1. Дар байни хешовандон ё оилаатон оё пиронсолон ҳастанд?
2. Кадом панду насиҳати бобову момоятонро доимо дар ёдатон медоред? Суханҳои калонсолонро ба эътибор нагирифта оё пушаймон шуданатонро дар хотир доред?

Дар хонае, ки пиронсолон ҳастанд, он хона фариштанок мешавад. Дуою панду насиҳатҳои бобою момоямон ба мо кӯмакрасон аст. Онҳо ба мо таҷрибаи ҳаётро меомӯзонанд ва афсонаҳо гуфта медиҳанд.

Дар Ватанамон пиронсолонро эҳтиром мекунанд. Ба онҳо ғамхорӣ карда, аз ҳолашон хабар мегиранд.



Калонсолонро ҳурмат ва хурдсолонро иззат намудан, яке аз қадриятҳои ба худ хоси халқамон мебошад. Ба калонсолон салом додан, ба суханҳояшон гӯш андохтан ва ба насиҳати онҳо амал кардан лозим аст.



http://eduportal.uz

## ДУОИ ПИРОНСОЛОН



Нодир вақти холии худро бо бобову момояш гузаронданро дӯст медорад. Зеро бо онҳо чӣ тавр гузаштани вақтро ҳис намекунад. Онҳо дар боғ дарахту гулҳоро якҷоя парвариш мекунанд. Бобояш дар бораи растанию паррандагон ва ҳайвонот воқеаҳои аҷиберо нақл карда медиҳанд. Мақолу суруд ва афсонаҳои момояшро бо шавқу завқ мешунавад.Дар яке аз рӯзҳо Нодир бо дӯсташ Зокир аз мактаб бармегашт. Дар роҳ пиразанеро ки базӯр сумкаи калонро бардошта мерафт, дида монданд.

– Зокир, биё ба пиразан кӯмак расонем, – гуфт Нодир.

– Не, ман тезтар ба хона рафта, дарс тайёр карданам лозим, – гуфт Зокир.

– Хуб, ту рафтан гир. Ман кӯмак мерасонам, – гуфт Нодир.

Бобову момояш сабаби дер омадани Нодирро пурсиданд. Пас ҷавоби набераашонро шунида:

– Боракалло, писарам. Дуои калонсолонро гирӣ, ҳаргиз кам намешавӣ. Охир беҳуда «Тилло нагир, дуо гир» – нагуфтаанд, – гуфт бобояш ба китфони ӯ зада.

1. Ба ҳаракатҳои Зокир чӣ гуна баҳо медиҳед?
2. Ба фикри Шумо, ба пиронсолони ношинос кӯмак расондан магар шарт аст? Ҷавобатонро шарҳ диҳед.

http://eduportal.uz

# МУНОСИБАТҲОИ МАҲАЛЛА ВА ҲАМСОЯГОН

1. Номи маҳаллатонро оё медонед? Ба он барои чӣ айнан чунин ном гузошта шуданашро-чӣ?
2. Оё аз маҳаллаатон шахсони ба назар намоён баромада ҳастанд? Дар бораи онҳо нақл карда диҳед.

Маҳалла яке аз қадриятҳои миллии такрорнашавандаи қадимии халқҳои тоҷику ӯзбек аст. Инсон дар маҳалла ба камол мерасад, калон мешавад ва дӯстон пайдо мекунад.

Аз қадим одамони маҳалла ҳамчун як аъзои оила аҳлона зиндагӣ кардаанд. Ба касе, ки ёрӣ лозим бошад, онҳоро аҳли одамони маҳалла беэътибор нагузоштаанд. Хонаву ҷойҳо бо ёрии бисёрии онҳо бо ҳашар сохта шудаанд.

Мақоли «Ба як бача ҳафт ҳамсоя падару модар» бесабаб гуфта нашудааст. Калонсолони маҳалла ба тарбияи ҷавонон низ беэътибор набуда, мисли фарзанди худ насиҳат мекунанд.

Пиронсолон ва фаолони маҳалла барои тинҷу осуда зиндагӣ кардани ҳар як оила ҳиссаи худро мегузоранд.

Аз ҳоли ҳамсоягон хабар гирифтан, ба онҳо дасти ёрӣ дароз кардан барин одатҳои хуб дар маҳалла ривоҷ меёбад.



http://eduportal.uz




Ба одоби ҳамсоягӣ, сариштаю озодагии кӯчаҳо, барои гузаронидани тӯю маъракаҳо ва ба иттифоқии онҳо ҳавас кунад меарзад. Дар ҷумҳуриамон аз даҳ ҳазор зиёд маҳалла аст. Онҳо рӯз то рӯз зебо ва обод шуда истодаанд.

## МАҲАЛЛАИ ОБОД

Отабек бо бобояш ба ҳашари хайрияи умумихалқӣ баромаданд. Бо туфайли ҳашар маҳалла боз ҳам зеботар шуд.

Кӯчаҳо обод ва дарахтон сафед карда шуд.

Дар хонаи Орифака сохтмон дар авҷ буд. Аъзоёни маҳалла аҳлона кор мекунанд.

Дар ҳавлии Салимахола бошад, дар дег сумалак меҷӯшад.

Вақте ки Отабек бо бобояш аз гузари маҳалла аз назди чойхонаи пиронсолон, сартарошхона ва мағозаҳо мегузаштанд, ба майдони нави спортӣ чашмаш афтид.

«Акнун дар ин ҷо бо дӯстонам маза карда футбол бозӣ мекунем», гуфта хурсанд шуд.

http://eduportal.uz

– Бобоҷон, маҳаллаамон хеле ҳам зебо шудааст, – гуфт Отабек.

Албатта, бачаҷонам. Файзи маҳаллаамон дар меҳру оқибати инсонҳо аст. Ин майдонҷаро тадбиркорони маҳаллаамон сохтанд. Ту низ ҳамин хел тадбирнок, шуҷоатнок, инсони боақл шуда, ба рушди кишварат ва маҳаллаат ҳиссаи худро гузоштанат лозим, – гуфт бобояш.



1. Дар деҳаатон ё шаҳратон чӣ гуна маҳаллаҳо ҳаст?
2. Дар маҳаллаатон барои бо спорт шуғл варзидан ва истироҳат намудан чӣ гуна шароитҳо фароҳам оварда шудааст?
3. Бо ҳамсоягон чӣ гуна корҳоро дар якҷоягӣ иҷро мекунед?



http://eduportal.uz

# ДАРСИ ҶАМЪБАСТӢ

## Супоришҳо барои таътил

1. Ҳикоя, шеър, афсона ва ривоятҳои ибратнокро мутолиа кунед.
2. Мақолҳоро оид ба одобу ахлоқ аз ёд кунед.
3. Бо падару модаратон ба зиёрати ҷойҳои таърихии маҳаллаатон бароед.
4. Дар давоми тобистон бо дӯстони хуб истироҳат кунед, бо бозиҳои милливу серҳаракат шуғл варзед, ҷисмонан обутоб ёбед.
5. Ба калонсолон барои иҷрои корҳои рӯзғор ва боғу саҳро кӯмак расонед.

## Донишомӯзони азиз!

Дар давоми сол оиди одобу ахлоқ ва урфу одатҳои миллиамон ба донишҳои зиёд соҳиб шудед. Омӯхтани ин донишҳо басанда нест. Ба онҳо амал кардан лозим.

Таътил – даври истироҳат намудан ва барои аз худ кардани донишҳои нав қувва ҷамъ кардан аст. Дар вақти таътил вақти холиатон бисёр мешавад. Аз донишҳои дар давоми дарсҳо омӯхтаатон истифода бурда, онро бо мазмун гузаронед.

http://eduportal.uz

## МУНДАРИҶА


### БОБИ I. ВАТАН — МУҚАДДАС АСТ

Республикаси Ӯзбекистон – давлати мустақил…5

Рамзҳои давлат – ифтихори миллиамон.............13

Обидаҳои таърихӣ – бойгонии маданиамон ......16

Машғулоти амалӣ

«Обидаҳои таърихе, ки дар он ҳудуд ман зиндагӣ мекунам»....................................................... 20

### БОБИ II. ХАЗИНАИ ОДОБ ВА АХЛОҚ

Маърифатпарварӣ фазилатест, ки аз аҷдодонамон мерос аст…................................................. 23

Меъёрҳои одоб ва ахлоқ…................................30

Ҳадисҳо оиди одоб ва ахлоқ...............................33

Одоби мутолиа....................................................35

Машғулоти амалӣ

«Китоби дӯстдоштаи ман»...................................39

### БОБИ III. МЕҲНАТ – ШАРАФ АСТ

Меҳнат - зеби ҳаёти инсон …..............................43

Қадри инсони ҳунарманд баланд аст..................46

Кӣ шуданро мехоҳам?.........................................50




http://eduportal.uz

Вақти холи ман ....................................................54
Машғулоти амалӣ. Тартиби рӯз...............................57

## БОБИ IV. НАМУДИ ЗОҲИРӢ – ЗЕБИ ИНСОН

Одоби либоспӯшӣ ..................................................58
Оростагӣ – зеби инсон ...........................................61

## БОБИ V. ОЛАМЕ, КИ МО ЗИНДАГОНӢ МЕКУНЕМ

Об – манбаи ҳаёт............................................ 64-67
Ман табиатро чӣ тавр эҳтиёт
карданам мумкин? ..................................................70
Машғулоти амалӣ
Табиате, ки ман дар он ҷо зиндагонӣ мекунам..74

## БОБИ VI. МАДАНИЯТИ МИЛЛӢ

Идҳо ва урфу одатҳои миллӣ........................ 76
Эҳсоси меҳру шафқат ва мурувват................. 81
Оила – маскани тарбия..........................................84
Пиронсолонро эъзоз намоем.................................87
Муносибатҳои маҳалла ва ҳамсоягон.................89
Дарси ҷамъбастӣ ....................................................92



http://eduportal.uz

**Холиқова, Моҳира**
Одобнома: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 3-юми мактабҳои таълими умумии миёна / М. Холиқова, Ш. Эргашева — Тошкент: ҶММ, „Yangiyo‘l poligraf servis “, соли 2019. — 96 саҳ.

**Моҳира Холиқова, Шаҳноза Эргашева**

# ODOBNOMA

**Ta’lim tojik tilida olib boriladigan maktablarning 3- sinfi uchun darslik**

**Uchinchi nashr**

Тошкент – «Yangiyrul Poligraph Service» – 2019

Тарҷимон Ҷ. Эшонқулов
Муҳаррир И. Эшоқулов
Муҳаррири бадеӣ ..............
Муҳаррири техникӣ М. Рихсиев
Саҳифабанди компутерӣ ....................

Литсензияи нашриёт АИ № 185 10.05.2011.

Ба чопаш …..2019 имзо шуд. Андозаи 70х90 / . Коғази офсет. Кегли 14. Гарнитураи «Arial TAD»1.6
Бо усули офсет чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 6,0.
Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 7,02.
Теъдоди нашр …….нусха. Фармоиши №

Дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Yangiyrul Poligraph Service».
Вилояти Тошканд, ноҳияи Янгийўл, кӯчаи Самарқанд, 44 чоп шудааст.

http://eduportal.uz

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби дарсии ба иҷора додашуда

| Р/т | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

## Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқоваaш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова қаҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад. Аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир шудааст. Дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноат-бахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китобро барқарор карда намешавад. |

http://eduportal.uz